*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 3 (12331)
20 январи
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ДАСТОВАРД

## 15 медал аз як олимпиадаи байналмилалӣ

8-16-уми январи соли ҷорӣ дар Осорхонаи фанноварии шаҳри Хюстони Иёлати Техаси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дуюмин Олимпиадаи байналмилалии COPERNICUS аз фанҳои физика ва астрономия бо иштироки 2000 довталаб бо намояндагӣ аз 50 кишвари ҷаҳон баргузор гардид, ки дар он хонандагони мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе ва литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Хуҷанд иштирок намуданд.

Хонандагони тоҷик дар қатори хонандагони кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла, Фаронса, Италия, Амрико, Бразилия, Чин, Федератсияи Россия, Аргентина, Канада, Ҳиндустон, Британияи Кабир, Африқои Ҷанубӣ, Миср, Австралия, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон ва ғайра аввалин маротиба дар ин озмуни сатҳи ҷаҳонӣ иштирок намуданд. 9 нафар хонандаи Мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе дар ин олимпиада аз фанни биология иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Аз ҷумла, Маъруф Исомиддинов - хонандаи синфи 8 ва Томирис Миралибекова - хонандаи синфи 5 соҳиби ҷойи 2, Бенёмин Зухурзода - хонандаи синфи 6, Салман Саминов - хонандаи синфи 5, Юсуф Салимзода - хонандаи синфи 5, Абдуҷамил Холиқов - хонандаи синфи 5, Умар Ҳафизов - хонандаи синфи 8, Бибиоиша Қодирова - хонандаи синфи 7 ва Мирзоқобил Бадиев - хонандаи синфи 8 соҳиби ҷойи 3 мебошанд.



Ҳамзамон, 6 нафар хонандаи литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд дар олимпиадаи мазкур иштирок намуда, як медали нуқра, панҷ медали биринҷӣ ва Ҷоми дастовиро аз фанни физика ба даст оварданд, ки инҳо Фарруxи Шералӣ – хонандаи синфи 8, ҷойи дуюм аз фанни табиатшиносӣ, Амир Абдуллозода – хонандаи синфи 9, ҷойи сеюм аз фанни физика, Меҳрангез Абдуллоева – хонандаи синфи 11, ҷойи сеюм аз фанни физика ва астрономия, Ардашерхоҷа Ботурхоҷаев – хонандаи синфи 11, ҷойи сеюм аз фанни физика ва астрономия, Шараф Мукумов – хонандаи синфи 8, ҷойи сеюм аз фанни табиатшиносӣ ва Акрамхоҷа Мамуров – хонандаи синфи 8, ҷойи сеюм аз фанни табиатшиносӣ мебошанд.

Иштирокчиёни олимпиадаи мазкурро дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ва назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд, мудирони шуъбаҳои маориф ва директорони муассисаҳои таълимӣ дар фазои тантанавӣ истиқбол намуданд.

## ДАР ИН ШУМОРА:

*Рисолати ояндасози Паём* саҳ. 3
*Роҳи миллат агар аз нури хирад равшан нест...* саҳ. 6
*Мушкилоти кадрӣ: чӣ бояд кард?* саҳ. 7
*Олимпиада: дарёфти истеъдодҳо ё иҷрои нақша?* саҳ. 8-9
*Иқболу ифтихори сарбози марзбон* саҳ. 10
*Муносибати босалоҳият ва тарбияи омӯзгорони ҷавон* саҳ. 11
*Таҳсилоти фарогир - талаби замони муосир* саҳ. 12

МИЗИ МУДАВВАР

## Рақамикунонии низоми идоракунии маориф

Дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси шуъбаи низоми иттилоотии идоракунии маориф ва илм таҳти унвони "Рақамикунонии низоми идоракунии маориф" мизи мудаввар баргузор гардид. Дар он намояндагони Вазорати маориф ва илм, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтисодчиёни раёсату шуъбаҳои маорифи кишвар, намояндагони Бонки исломии рушд, Лоиҳаи таҷдид ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна, ЮНИСЕФ ва Марказзи иттилоотию таҳлилии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, инчунин, намояндагони ҷумҳуриҳои Қирғизистону Муғулистон (онлайн) иштирок намуданд.

Дар оғоз Муҳаммаддовуд Саломиён – муовини якуми вазири маориф ва илм зикр кард, ки рақамикунонии низоми идоракунии маориф ва таҳияи Консепсияи таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳими ислоҳоти соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки рушди низоми иттилоотии идоракунии соҳаи маориф самаранокии фаъолияти сохторҳои гуногунро вусъат бахшида, имконият медиҳад, ки иттилоот ҳамчун воситаи муҳими идоракунӣ истифода шавад. Гузашта аз ин, низоми иттилоотии идоракунии соҳаи маориф барои таъмин намудани сохторҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ ва аҳолӣ бо иттилоот нақши муассир мегузорад.

Сипас, Абдураҳмон Гулзода - сардори шуъбаи низоми иттилоотии идоракунии Вазорати маориф ва илм дар мавзуи "Рақамикунонии системаи иттилоотии идоракунии маориф (emis): мушкилот ва пешомадҳо" баромад намуда, таъкид дошт, ки мақсади асосии ба вуҷуд овардани Системаи иттилоотии идоракунии маориф (СИИМ) ин муттаҳид гардонидани ҷараёни ҷамъоварӣ, коркард ва муҳофизати иттилоот оид ба таълиму тарбия ва фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва таъмин кардани Вазорати маориф ва илм, инчунин, мақомоту сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ бо иттилоот мебошад.

Ҳамзамон, Шавкат Каримзода - директори Маркази иттилоотию таҳлилии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дар мавзуи "Татбиқи барномаи электронии "eDonish" дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ", Муродбек Неъматуллоев - директори Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе дар мавзуи "Тақвияти ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо падару модарон тавассути барномаи электронии "eDonish" ва Ҷилдиз Доолбекова - ҳамоҳангсози барномаҳои ташкилоти Таалим-Форум (онлайн) дар мавзӯи "Омӯзиш бо истифодаи технологияҳои фосилавӣ барои баланд бардоштани сифат ва дастрасӣ ба таҳсилот дар Ҷумҳурии Қирғизистон" суханронӣ карданд.

*Бахтовар САФАРОВ,*
*корманди Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми ҶТ*

Почтаи электронии «Омӯзгор»: omuzgor@inbox.ru
Телефони боварӣ: 227-76-86

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мутобиқи моддаҳои 143, 147 ва 149 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» фармон медиҳам:

**1. Аз 1 январи соли 2022:**

- маоши вазифавии (меъёрҳои тарифи) хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба андозаи 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот ба андозаи 20 фоиз зиёд карда шавад;
- маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани коэффитсиентҳо барои рутбаҳои ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ ва махсуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рутбаи қаторӣ то лейтенант 830 сомонӣ ва аз рутбаи лейтенанти калон то генерали артиш 745 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ ба андозаи 745 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида ба андозаи 830 сомонӣ, ки дар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият менамоянд, муқаррар карда шавад.

**2. Аз 1 июли соли 2022:**

- ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ ба андозаи 600 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад;
- маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм (ба истиснои кормандони раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он), фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ 20 фоиз зиёд карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони соҳаи тандурустӣ 20 фоиз зиёд карда шуда, 366 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба андозаи 745 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида ба андозаи 830 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- маоши вазифавии кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти судӣ, прокуратура ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба андозаи 20 фоиз зиёд карда шавад;
- стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия, аз ҷумла, стипендияҳои президентӣ (ба ғайр аз курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба андозаи 20 фоиз зиёд карда шаванд;
- андозаи нафақаи амалкунандаи нафақагирони ятим ва ноболиғон, ки бинобар маҳрум шудан аз саробон ба онҳо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» нафақа таъин ва пардохт мегардад, ба андозаи 25 фоиз аз андозаи ҳадди ақалли нафақаи аз рӯи синну сол муқарраргардида зиёд карда шавад.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- амалишавии фармони мазкурро дар соли 2022 аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории фонди музди меҳнат ва таъминоти нафақа пешбинишуда, маблағҳои бақияи озод, иҷрои барзиёди даромади буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, аз ҳисоби сарфаи дигар моддаҳои хароҷот, маблағҳои захиравии буҷети давлатӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ таъмин намоянд;
- дар муҳлати се моҳ қарорҳои худро ба фармони мазкур мутобиқ намоянд;
- ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кумакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва дигар ҳолатҳои ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқамандро (ба ғайр аз нафақа) мутобиқи Тартиби ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнати корманд дар ҳамаи ҳолатҳо (пардохти кафолатнок ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ҳангоми пардохти музди муҳлати рухсатӣ, ҳангоми пардохти музди меҳнати давраи гузаронидан ба кори дигар), ба ғайр аз музди миёнаи меҳнат ҳангоми таъйин намудани нафақа, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №313 тасдиқ шудааст, амалӣ намоянд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе**
**13 январи соли 2022**
**№312**

# Шарҳи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 13.01.2022, №312

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ марҳила ба марҳила зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ ва ҳарбӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендияро зарур шумориданд.

Дар ин робита фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» 13 январи соли 2022, №312 ба тасвиб расидааст, тибқи он **аз 1 январи соли 2022** маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ба андозаи 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот ба андозаи 20 фоиз ва **аз 1 июли соли 2022** музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, яъне мактабҳои миёна, муассисаҳои томактабӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф, илм, муассисаю ташкилотҳои соҳаи фарҳанг, соҳаҳои иҷтимоӣ ва муассисаю ташкилотҳое, ки музди меҳнаташон ба музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ баробар карда шудааст, ба андозаи 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Инчунин, аз санаи мазкур андозаи стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ба андозаи 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Дар баробари ин, ҳадди ақали музди меҳнат аз 1 июли соли 2022 барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ ба андозаи 600 сомонӣ дар як моҳ муқаррар мегардад.

Мутобиқи ин фармон **аз 1 июли соли 2022** андозаи нафақаи амалкунандаи нафақагирони ятими кулл ва нимятимон бинобар маҳрум шудан аз саробон ба андозаи 25 фоиз аз андозаи ҳадди ақалли нафақаи аз рӯи синну сол муқарраргардида зиёд карда мешавад.

Барои амалӣ намудани зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, стипендия ва нафақаҳои суғуртавию иҷтимоӣ ва кумакпулиҳо аз рӯи андозаҳои дар боло зикргардида дар соли ҷорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа беш аз 1,6 миллиард сомонӣ равона мегардад.

Анҷом додани тадбири мазкур баҳри боз ҳам беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, бахусус дастгирии давлатии қишри осебпазири ҷомеа дар шароити кунунии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва татбиқи ҳадафмандонаи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

**14.01.2022, шаҳри Душанбе**

ХОНИШИ ИДОРАВӢ

# Баррасии ҳуҷҷатҳо дар вазорат

13 январи соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммаддовуд Саломиён, муовини вазири маориф ва илм Гулчеҳра Ғанизода, сардорону кормандони раёсат, шуъба ва бахшҳои дастгоҳи марказии вазорат вобаста ба омӯзиши Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, вазъи риоя ва иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" ва "Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" хониши идоравӣ доир гардид.

Муовини якуми вазири маориф ва илм М. Саломиён зикр кард, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, пайваста таъкид медоранд, ки "дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд".

Сипас, сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм Бадриддин Музаффарзода доир ба мақсади асосӣ ва вазифаҳои Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф барои давраи то соли 2030, мақсад ва дурнамои ислоҳот дар соҳаи маориф, вазифаҳои калидии стратегияи мазкур, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва заминаи маъёрии ҳуқуқӣ, фазои сохторӣ (институтсионалӣ)-и соҳаи маориф, заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, алоқамандӣ бо афзалиятҳои миллӣ ва соҳавӣ суханронӣ кард.

Дар рафти хониши идоравӣ, инчунин, сардори шуъбаи коргузорӣ ва назорати иҷро Шодмон Саидзода доир ба вазъи риоя ва иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" ва "Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" тавзеҳ бахшид.

Ҳамчунин, риояи қатъии тартиби бақайдгирӣ ва баҳисобгирии муроҷиатҳо, ирсоли сариваҷтии ҷавобҳои мукаммалу асоснок ба муаллифони онҳо, риояи талаботи муошират бо муроҷиаткунандагон, инчунин, пурра, холисона ва ҳаматарафа баррасӣ намудани муроҷиатҳо аз ҷониби кормандон бояд мунтазам ҷораҳои дахлдор андешида шавад.

*Зайнаб ҲУСЕЙНОВА,*
*корманди Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм*

**МАСЪУЛИЯТ**

# Рисолати ояндасози Паём

***Маориф дар сиёсати давлати миллиамон пойгоҳи маҳкам ва устуворест, ки рушду нумуи соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ба он иртиботи ногусастанӣ дорад. Пешвои миллат аз нахустин рӯзи ба сари идораи давлат омадан то ба ҳол маорифро самти афзалиятнок ва пешбарандаи ҷомеа медонанд.***

Сарвари кишвар дар Паёми навбатии хеш таъкид доштанд, ки: "Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва ҳукумат қарор додем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маорифсармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад". Воқеан, рушду пешрафт ва саодати ҳар миллат ба маориф ва фарҳанги он пайванди мустаҳкам дорад. Ин нуктаи муҳим ва бунёдсоз ҳамасола дар Паёмҳои Пешвои маорифпарвари миллат таъкид ва таъйид меёбад.

Аз тарбиятдиҳандагону тарбиятгирандагони замони кунунӣ талаб карда мешавад, ки бо донишу фарҳанг ва технологияи муосир мусаллаҳ бошанд ва ба меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои маънавӣ муҷҷаҳаз гардида, дар роҳи аз худ намудани онҳо кӯшиш намоянд. Бо назардошти ин матлаб, дар ин бахш бояд аз тамоми зарфиятҳои зеҳнӣ ба қадри имкон истифода кард.

Сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат барои ҳар фарди ҷомеа ҳамчун дастуру қутбнамо буда, ҷиҳати зиндагии шоиста ва пурфараҳро ноил гардидан роҳкушоӣ менамояд, дар баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳия ва тадвин намудани дастуру китобҳои таълимӣ ва тайёр кардани кадрҳои ҳирфавӣ таъсири мусбат ба бор меорад. Ҷавҳари сиёсати Роҳбари давлатро дар соҳаи маориф масъалаҳои дар низоми маориф ҷорӣ кардани меъёрҳои ҷаҳонӣ, тайёр кардани мутахассисони соҳибкасбу ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат ташкил мекунад.

Дар Паём бо дарназардошти рушди соҳаи саноат, ки пешрафти ҷомеа ба он пайванди устувор дорад, солҳои 2022-2026 Солҳои рушди саноат эълон карда шуд. Аз ин рӯ, вобаста ба саноатикунонии кишвар, ки чорумин ҳадафи стратегии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон эълон гардидааст, ба мутахассисони кордону ҳирфавӣ сахт ниёзманд аст. Иқтисодиёт ҳамон замон ба пешрафти назаррас ноил мегардад, ки кормандони донову кордон дар истеҳсолот фаъолият кунанд ва дар ин раванд дар омода намудани мутахассисони донишманду зиракро тарбият кардан вазифаи аввалиндараҷа ҳисобидан лозим меояд. Барои расидан ба ин матлаб тафаккури техникии онҳоро тарбият намудан муҳимтарин ҳадафи мактабу маорифи муосир бояд бошад. Аз ин ҷост, ки тафаккури техникӣ ҷузъе аз тафаккури илмӣ буда, парваришу тақвияти он ба муассисаҳои таълимӣ вобастагии қавӣ дорд.

Роҳбари давлат дар баробари мустаҳкам кардани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, мусоидат ба болоравии сифати таълиму тарбият ва омодасозии мутахассисони соҳа, ба масъалаҳои бунёдии соҳа, аз ҷумла, шароити зисту зиндагонии аҳли маориф ҳамасола таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунанд.

Миллати муваффақ он миллатест, ки ҳамрадифи замон қадам бардошта, баҳрабадорӣ аз навгониҳои муосири таълиму тадриси посухгӯ ба ҷаҳони имрӯзро дар муассисаҳои таълимии кишвар фароҳам меорад. Дар рафъи нуқсону камбудиҳои ҷойдошта ҷидду ҷаҳд мекунад. Дар давраи истиқлолият ин шоистагӣ ба мо ҳам насиб гардид. Истеъдодҳои зиёди ақлонӣ рӯи кор омада, бо ақлу хиради фитрии хеш дар миқёси ҷаҳон муаррифгари давлату миллат шуданд. Вале ҳанӯз ин кам аст. Онро ҷустану кашф кардан ва дар зимн онро тарбият намудан вазифаи масъулини соҳа аст.

Бо ташаббус ва иқдоми маорифпарварона ва адабпарастонаи Пешвои миллат озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", ба ҳукми анъана даромадааст. Ин амал тамоми қишри ҷомеа, бахусус, хонандагону донишҷӯёнро ба мутолиаи осори бадеӣ ташвиқ мекунад. Бузургони адаби мо "Дониш андар дил чароғи равшан аст", "Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан", гуфтаву ба ин тариқ афкори ҳикматборро ба мо талқин намудаанд. Шоири тозагуфтор Абдурауф Муродӣ дар ҳавои гуфтаҳои ниёгонамон фармудааст:

*Арши миллатро китоб аст офтоб,*
*Шод бодо миллати соҳибкитоб.*

Ҳикмати зерин бояд такондиҳандаи зеҳну шуури мо дар роҳи суд бардоштан аз илму маърифат бошад: "Агар ғами яксоларо хӯрӣ, шоликорӣ кун, агар даҳсоларо мадди назар дошта бошӣ, боғ бунёд кун, агар андешаи садсоларо карданӣ бошӣ, соҳаи маорифро пурқувват намо". Бо дарки ин маънӣ мунсифона бояд изҳор дошт, ки дар шароити кунунӣ тамоми имконият барои таҳсилот фароҳам аст ва инак, майдони ҳунару ҳунарнамоӣ дар дасту ихтиёри ҳар яки мост.



Паёми Пешвои миллат манзалати як дарси пурмуҳтаворо дорад. Он дарси худогоҳиву хештаншиносӣ, ватандориву ватандӯстӣ ва ҳувияту ҳайсияти мост. Он бояд ҳамчун барномаи муштарак дар рӯзгори пур аз амну рифоҳи ҳамватанон қарор бигирад.

***Ҳасан ҶӮРАЕВ,***
***устоди факултети педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ***

## Маориф, ба пеш!

*Бувад Сарвари мо ҳумоюнгуҳар,*
*Дар олам набошад чу ӯ тоҷвар.*
*Табори шарифу наҷоди баланд,*
*Худо карда ӯро басе арҷманд.*
*Зи оли бузургони бонангу ном,*
*Зи пушти азизони фаррухпаём.*
*Башоратдеҳи нури сулҳу сафо,*
*Ба имрӯзу фардои мо раҳнамо.*
*Табори шарифу наҷоди саид,*
*Ки дидори ӯ мардумонрост ид.*
*Башорат расонид бар хосу ом,*
*Ки унвони пайғоми ӯ буд Паём.*
*Паёме, ки таҳлили садсола дошт,*
*Ба қалби ҳама набзи хушнудӣ кошт.*
*Зи рушди маориф гуфта навид,*
*Ба мактаб, ба таълими нав ҷон дамид.*
*Ҳазорон дабистон гулистон аз ӯ,*
*Ҳазорон гулистон гулафшон аз ӯ.*
*Чу андар Паёми нав иброз дошт,*
*Ки бе илм як гом натвон гузошт.*
*Ба ҷуз илму таълиму тадриси нав,*
*Нагардад раҳо ҷони мо аз гарав.*
*Низоми маорифро нав кунем,*
*Ҷудо дони гандум зи ҳар ҷав кунем.*
*Надонем агар мо забонро, чӣ сон*
*Тавонем огаҳ шавем аз ҷаҳон?!*
*Забонҳои бисёр аз бар кунем,*
*Сафар бар дусад навъ кишвар кунем.*
*Ҳунар бояд омӯхту касби зиёд,*
*Ки табъи халоиқ аз ин ҳарду шод.*
*Зи илми дақиқу зи касбу ҳанар,*
*Ба кайҳон расидаст аҳли башар.*
*Маорифи мо то шавад пештоз,*
*Бар он дода шуд бештар имтиёз.*
*Валекин ҳанӯзам маорифи мо*
*Надорад, ба ҳадде ки хоҳам, зиё.*
*Маориф хоҳад такопӯи беш,*
*Аз ин рӯ, маорифи миллат, ба пеш!*

***Шариф ШАРИФОВ,***
***дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# Роҳнамои аҳли ҷомеа

Паёми Президенти мамлакат дар соли барои мардуми Тоҷикистон воқеан таърихӣ – сиюмин солгарди Истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ пешниҳод гардид. Аз ин рӯ, Паёми имсола хусусияти хосе ба худ касб намуд. Аз лиҳози илмӣ он нуктаи аз ҳама муҳиме, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён гашт "...расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ва бо ҳамин роҳ аз хатари нобудӣ наҷот додани давлати тоҷикон ва аз парокандагӣ эмин нигоҳ доштани миллати тоҷик дастоварди бузургтарини таърихии мо дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад..." буд, ки тамоми ҳадафҳои минбаъда аз ҳамин гуфтаҳо сарчашма мегиранд.

Дар Паём бо натиҷагирӣ аз 30 соли сипаригашта, Пешвои миллат дар бобати бурду бохти тамоми соҳаҳо сухан ронда, муҳимтарин падидаҳои сиёсати дохиливу хориҷиро мавриди таҳлил қарор доданд. Дар идома, дар баробари баррасии дигар соҳаҳо масъалаҳои иҷтимоӣ мавриди суханронии Пешвои миллат қарор гирифтанд. Дар ин замина, таваҷҷуҳ ба рушди соҳаи илму маориф дар Паёми имсола бори дигар ифодаи худро ёфт. Илму маориф чун соҳаи аввалиндараҷа ва афзалиятнок ва рушду инкишофи он дар марҳилаи кунунии пешрафти Тоҷикистон муҳим арзёбӣ гардид. Боло бурдани сатҳу сифати дониши хонандагон, омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ, баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ифтихори ватандорӣ ва дар рӯҳияи инсонпарварӣ тарбия намудани насли наврасро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳими аҳли маориф, омӯзгорону тамоми ҷомеа маънидод намуда, Пешвои миллат хеле бомаврид зикр намуданд, ки "... падару модарон бояд шароит муҳайё созанд, ки наврасону ҷавонон, чи духтару чи писар, бояд хонанд, илму дониш ва касбу ҳунар омӯзанд. Дар замоне, ки илму техника бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, бе дониши замонавӣ, бе касбу ҳунарҳои муосир ва бе донистани забонҳои хориҷӣ зиндагӣ кардан бисёр душвор мегардад. Баръакс, касе, ки илму дониш ва касбу ҳунар дорад, дар зиндагӣ ҳаргиз хору зор ва ба касе муҳтоҷ намешавад ва умри бобаракат мебинад..."

Воқеан, дар мавриди ғамхориҳои давлату ҳукумат ба соҳаи маориф, бахусус, тӯли солҳои охир, баҳри рушди он корҳои зиёд анҷом дода шуда истодаанд, барои таҳсили ҷавонон чи дар дохил ва чи берун аз кишвар тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудаанд. Монеаи ҷиддие дар ин роҳ мавҷуд нест. Танҳо зарур аст, ки насли ҷавонро ҳар чи бештар ба касбу илмомӯзӣ ҳидоят намоем, баҳри тарбияву бакамолрасонии насли аз ҳар ҷиҳат солиму дорои тафаккури созанда, худшиносу ватандӯст омӯзгорону волидон масъулияти бештар зоҳир намоем, ба ибораи дигар, фарзандонро ба роҳи дуруст, омӯзиши илму ҳунар ва ободию созандагии ватани азизамон Тоҷикистон ҳидоят намудан вазифаи ҷонии мактабу маориф ва қарзи ҳар як падару модару аҳли ҷомеа мебошад.

Боиси сарфарозии аҳли варзиши кишвар, аз ҷумла, мо-устодону кормандони ДТҶТ ба номи ҷаҳонпаҳлавон С.Раҳимов аст, ки Пешвои муаззам дар баробари таҳлили соҳаи маориф чун суханрониҳои қаблиашон рушди варзиш, оммавигардонӣ ва инкишоф додани ин соҳаро варзишро дар байни табақаҳои васеи омма яке аз омилҳои муҳими солимгардонии ҷомеа арзёбӣ намуданд. Воқеан, тавре шоҳидем, давоми солҳои охир дар соҳаи варзиш дигаргуниҳои назаррас ба вуқӯъ пайвастанд. Тавре дар Паём зикр гардид, "..."...аз шумораи умумии иншооти ба ифтихори 30–солагии истиқлоли давлатӣ сохташуда 23 фоизашро иншооти соҳаи варзиш ташкил медиҳад...".

Аз лиҳози илмӣ низ собит гаштааст, ҷомеае рушду инкишоф меёбад, ки агар аҳолиаш солим бошад, дар ин замина тандурустии сокинон, бахусус, ҷавононамон, ки нуфузи асосии аҳолиро ташкил медиҳанд, тандурустии миллат аст.

Аз ҷумла, пайваста ба варзиш машғул шудани хонандагон - истеъдоду салиқаи онҳоро ҳам такмил медиҳад. Мактаб вазифадор аст, ки дар баробари таълими дигар фанҳо, аҳамияти варзишро ба мактаббачагон бифаҳмонад. Варзиш тавоноӣ, зебоӣ ва доноӣ аст. Ба воситаи варзиш миллат қудратманду эътибору нуфузаш боз ҳам баланд мегардад. Варзиш ғайр аз он ки нерубахши ҷисму рӯҳ аст, муаррифгари миллату давлат аст. Ҳар як ғалабаи варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, обрӯи варзиши тоҷик ва давлати миллии моро боз дучанд мекунад...

Умуман, ҳидоятҳои судманди Пешвои миллат дар Паёми имсола ҳар як сокини кишварро барои расидан ба самти қуллаҳои нави созандагиву бунёдкорӣ рӯҳбаланд менамоянд.

***Маҳмадамин ҚАЮМОВ,***
***декани факултети омодагии дифои ҳарбӣ ва тарбияи ҷисмонии ДТҶТ ба номи С.Раҳимов, номзади илмҳои педагогӣ***

**Дар шаҳри Кӯлоб тахти унвони «Ҷавонон-пайрави Пешвои миллат» ҳамоиши гирандагони стипендияи Президентӣ доир шуд.**

**ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «МУРАББИИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН-2021»**

# Пирӯзии Тахмина Абдуалиева ва Фирӯза Ғаниева

***11-13-уми январи соли ҷорӣ даври ниҳоии озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон - 2021» баргузор гардид. Дар маросими ифтитоҳи он вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Муҳаммадюсуф Имомзода, муовини вазир Гулчеҳра Ғанизода, сардорони раёсату шуъба, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, намояндагон аз раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва довталабони озмун ширкат варзиданд.***



Дар оғоз вазири маориф ва илм М. Имомзода иброз дошт, ки зинаи таҳсилоти томактабӣ самти бисёр муҳиму тақдирсоз буда, барои рушду инкишофи дурусти зеҳнию ҷисмонии кӯдакон ва омодасозии онҳо ба мактаб нақши мондагор дорад. Ин бахши соҳаи маориф дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати ҷумҳурӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор рафта, фарогирии кӯдакон ба кӯдакистонҳо мавриди таваҷҷуҳи давлату ҳукумат қарор дорад.

Муовини вазири маориф ва илм Гулчеҳра Ғанизода ҳозиринро бо ҳайати Кумитаи тадорукот ва ҳакамон шинос намуда. Довталабоне, ки дар озмуни мазкур иштирок мекунанд, мутахассисони ҷавони соҳаи таҳсилоти томактабӣ мебошанд.

Раиси аъзои ҳакамон, мудири бахши таҳсилоти томактабии вазорат Маҳина Бобоева шартҳои озмунро ба довталабон тавзеҳ бахшид.

Дар даври ниҳоии озмун мураббии Маркази инкишофи барвақтии кӯдаки Хазинаи Оғохони шаҳри Хоруғ Гулрӯ Гулбекова, мураббии кӯдакистони №24-и шаҳри Бохтар Мунира Ризоева, мураббии кӯдакистони №23-и шаҳри Хуҷанд Тахмина Абдуалиева, мураббии кӯдакистони №64-и шаҳри Душанбе Фирӯза Ғаниева ва мураббии кӯдакистони №1-и шаҳри Турсунзода Маҳбуба Пӯлодова ҳунару маҳорати касбии худро нишон доданд. Иҷрои шартҳои озмун дар ширхоргоҳ-кӯдакистони №149-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе сурат гирифт.

Бахши муаррифии фаъолияти педагогӣ дар доираи 20 дақиқа (барои ҳар як нафар) давом карда, дар он довталабон корҳои эҷодии худро дар шакли нақшаи корӣ, намунаи машғулияти кушод, дастуру маводи методӣ, наворҳои видеоӣ, мақолаҳои чопшуда дар матбуоти даврӣ ва воситаҳои аёнӣ пешниҳод намуданд. Аз рӯйи таҳлилҳои ҳайати ҳакамон дар иҷрои ин шарт мураббии муассисаи томактабии №24-и шаҳри Бохтар (вилояти Хатлон) Мунира Ризоева, мураббии муассисаи томактабии №23-и шаҳри Хуҷанд (вилояти Суғд) Тахмина Абдуалиева, мураббии муассисаи таҳсилоти томактабии №1-и шаҳри Турсунзода Маҳбуба Пӯлодова натиҷаи фаъолияти педагогӣ ва дастовардҳои хешро ба воситаи наворҳо нишон доданд.

Иштирок дар шарти баъдӣ аз довталабон дониш ва маҳорати баландро тақозо мекард, зеро дар ин бахш онҳо бояд ба 5 савол дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф, таҳсилоти томактабӣ ва барномаҳои таълимию тарбиявӣ ҷавоби дуруст медоданд. Дар иҷрои ин шарт Фирӯза Ғаниева, Мунира Ризоева ва Тахмина Абдуалиева пешсафӣ нишон дода, ба суолҳои пешниҳодшуда посуххои мушаххас доданд.

Аз таҳлилҳои доварон маълум гардид, ки довталабон дар ташкили яке аз шартҳои дигари озмун-мизи мудаввар навовариҳои зиёд ворид намудаанд. Дар ин бахш низ Ф. Ғаниева, М. Ризоева ва Т. Абдуалиева шарти озмунро мувофиқи талабот иҷро намуда, тавонистанд холҳои бисёр ба даст биёранд.

Яке аз шартҳои муҳими озмуни мазкур, гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ мебошад, ки дар раванди он довталаб бо истифода аз усулҳои муосир ба кӯдакон донишҳои нав дода, сатҳи касбият ва маҳоратҳои педагогии худро нишон медиҳад.

Ба гуфтаи узви ҳайати ҳакамон, сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм Қутбиддин Муҳиддинзода баргузории машғулиятҳо собит намуд, ки довталабон ба озмун омодагии хуб дидаанд. Намояндагон аз вилояти Суғд-Тахмина Абдуалиева, аз шаҳри Душанбе-Фирӯза Ғаниева ва аз вилояти Хатлон-Мунира Ризоева машғулиятҳои худро дар доираи барномаи таълимии «Рангинкамон» ва бо риояи талаботи он бисёр хуб гузарониданд.

Ғаниева ва Мунира Ризоева дар иҷрои ҳамаи шартҳо фаъол буданд.

Маросими ҷамъбасти озмун дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илм баргузор шуд. Муовини вазири маориф ва илми кишвар Муҳаммаддовуд Саломиён қайд кард, ки ҳадафҳои аслии баргузории озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон» дарёфт ва муаррифии мураббиёни боистеъдоду болаёқат, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонӣ, ташаккули қобилияту фаъолияти эҷодии онҳо, такмили донишу маҳорати касбӣ ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва қадрдонии меҳнати онҳо мебошад.



Сипас, муовини вазир Гулчеҳра Ғанизода дар вазъияти тантанавӣ ғолибони озмунро эълон дошт. Мураббии кӯдакистони №23-и шаҳри Хуҷанд Тахмина Абдуалиева ва мураббии кӯдакистони №64-и шаҳри Душанбе Фирӯза Ғаниева соҳиби ҷои аввал ва ғолиби озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон-2021» дониста шуданд. Мураббии кӯдакистони №24-и шаҳри Бохтар Мунира Ризоева ҷои дуюм, мураббии Маркази инкишофи барвақтии кӯдаки Хазинаи Оғохони шаҳри Хоруғ Гулрӯ Гулбекова ва мураббии кӯдакистони №1-и шаҳри Турсунзода Маҳбуба Пӯлодова ҷои сеюмро ба даст оварданд.

Ба ҳамаи иштирокдорони озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон-2021» нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дипломи дараҷаи 1 (ба ғолибони ҷои якум), мукофоти пулии Кумитаи иттифоқҳои касабаи маориф ва илми ҷумҳурӣ ва роҳхат ба осоишгоҳ супурда шуд.

***Дилафрӯзи АВАЗ,***
***«Омӯзгор»***

**РИСОЛАТ**

# Омӯзгор меҳрпарвар аст

Ман омӯзгори синфҳои ибтидоиям ва аз рӯзи аввали ба мактаб қадам ниҳодани шогирдонам дар назди худ вазифа гузоштаам, ки бояд аз тарзи зиндагии хонаводагии онҳо маълумоти аниқ ва огоҳӣ дошта бошам. Аз ин лиҳоз ҳамеша бо волидайн дар тамосам. Ба дарсҳои иловагӣ онҳоро даъват карда, аз тарзи рӯзгор ва шароити фарзандонашон мепурсам. Зеро муаллимӣ танҳо 45 дақиқа дар синф будану машғулият варзидан нест, балки муаллим бояд огоҳӣ дошта бошад, ки оё хонанда шароити хуб дорад ё не? Омӯзгор бояд мисли модар ва ё равоншинос дарду шодии кӯдакро эҳсос намояд.

Аз таҷрибаи кориам дарк намудам, ки дар натиҷаи номусоид будани муҳити оила кӯдак наметавонад, ки худро хуб идора кунад. Мебинам оилаҳое, ки ноустуворанд, фарзандонашон низ он қадар шавқи мактабхониро надоранд, аммо фарзандони хонаводаҳои устувор бештар ва хубтар завқи хондан ва омӯхтан доранд

Фикр мекунам, ки волидайн ҳатман илму фарҳанги тарбияро омӯхта бошад, вагарна ин вазифаи масъулиятнокро иҷро карда наметавонад, чунки кӯдак ҳам шахсият аст ва ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад шахсияти ӯро таҳқир намояд. Баъзе падару модарон гумон мекунанд, ки вазифаи онҳо танҳо хӯрондану пӯшондани онҳост, аммо фаромӯш мекунанд, ки дар баробари ин, ҳамчунин, фарзандро тарбияи хуб додан лозим аст. Хеле муҳим аст, ки волидайн нисбат ба дигарон, яъне хешу табор, ҳамсоя ва ҳамкорашон муносибати хубу эҳтиром дошта бошанд, то фарзанд инро дида, аз кӯдакӣ дар дилаш меҳру муҳаббатро ҷой бикунад. Ҷангу ҷанҷоли оилавӣ ба асабу ҳолати рӯҳии кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Ва агар миёни кӯдаку падару модар ҳусни тафоҳум набошад, якдигарро дарк намекунанд, сирру асрори ҳамдигарро пинҳон медоранд, ки дар натиҷа фарзанд якраву рӯҳафтодаву дилшикаста мешавад, ва ин баояндаи ӯ зарбаи калоне мерасонад.

Яъне фарзанди накую хушахлоқу инсондӯсту ватанпарвар дар доман парваридан масъулияти бузургеро тақозо мекунад, дар ин ҷо тарбияи якҷояи ҳам падар ва ҳам модар лозим аст. Оила мактаби нахустин ва бузургест, ки дар он арзишҳои инсониро кӯдак омӯхта, минбаъд метавонад дар мактаб нақши назаррасе дошта бошад. Танҳо оила, ки комилтарин ҷузъи оила маҳсуб меёбад, дар такмили одобу маърифати кӯдакон замина мегузорад. Агар кӯдак дар оила тарбияи хуби падару модарро нагирад, барои муаллим низ дар таълиму тарбияи ӯ мушкилот эҷод мегардад.

Имрӯз мо дар замони пуртазоди ҷаҳонишавӣ ба сар мебарем ва аз ин рӯ, кӯдаконро он гуна таълиму тарбия бояд дод, ки аз фарҳангу адабиёту забони мардуми худ огоҳӣ дошта бошанд. Ба вижа, аз забони тоҷикии худ, ки калидаи илму донишу фарҳанг аст. Саъдии Шерозӣ марбут ба ин мавзуъ фармуда:

"Дар хурдӣ таъсири тарбия бештар корагар аст, балки дар бузургӣ".

Маҳз дар ҳамин синнусол таҳкурсии инкишофи кӯдакон гузошта мешавад ва ҳам оила ва ҳам омӯзгорро зарур аст, ки барояш китобҳои ба синнусоли ӯ ҷавобгӯ дарёфт карда, ба хонданi китоб ҳидоят намоянд. Дар ин айём кӯдак бояд бештар китоби афсона, чистон, тезгӯяк хонда, нутқашро инкишоф бидиҳад.

Аз ҳама омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ тақозо мешавад, ки бештар бо волидайни шогирдонашон ҳамкорӣ дошта бошанд, то тавонанд, шогирди хуберо тарбия ва таълим бидиҳанд. Аз ин лиҳоз, Пешвои миллат хеле барҳақ фармудаанд: "Беҳбудии сифати таълиму тарбияи насли наврас бояд дар маркази диққати падару модар қарор дошта бошад. Онҳо бояд дар тарбия ва донишандӯзии фарзандони худ ҳамеша бо муассисаҳои таълимӣ, ба вижа, бо омӯзгори масъул дар тамос шуда, масъулияти ҷиддӣ эҳсос намоянд".

***Румия ҲАЙИТОВА,***
***омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби №93- и ноҳияи Сино***

**Имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон дар Намоишгоҳи байналмилалии «ЭКСПО-2020» дар шаҳри Дубайи Аморoти Муттаҳидаи Араб муаррифӣ гардид.**

СИЁСАТ

# Пойтахти давлат – ифтихори миллат

## (Дар ҳошияи мақолаи "Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат"-и С. Ятимов)

Мақолаи таҳлилию тадқиқии "Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат" ба мавзуи бунёдӣ-шукӯҳу манзалати пойтахти давлат, ҳифзи истиқлоли як миллати воҳиди қадимтарину мутамаддинтарин – мо, тоҷикон, аз зовияи фаҳму дарки донишҳои сиёсию фарҳангӣ, маърифатию мазҳабӣ, динӣ, ҳуқуқӣ, марзҳои озодихоҳиву ҳувиятхоҳии ватанпарварона ва шинохти миллӣ таълиф гардида, масоили мубраму дархӯри замону ҳолати воқеиро аз дидгоҳи назариву амалӣ мавриди баҳс қарор додааст.

Дар муқаддимаи мақола профессор С. Ятимов баъд аз тавсифи истиқлоли миллӣ таъкид менамояд, ки бидуни ташкилоти сиёсии марказонидашуда, устувор мондан, ҳифзи абадияти миллӣ ва нишонаҳои асосии он – забон, фарҳанг, анъана, урфу одат ва рифоҳи миллӣ ғайриимкон аст. Мавсуф ба нуктаи ниҳоии мазмуни мақола ба таври мушаххас ишорат менамоянд - "...мавзуи баҳс манзалати сиёсии пойтахти давлат дар чаҳорчӯбаи истиқлоли миллат мебошад..."

Мутобиқ ба баррасии масъала, муаллиф маъниҳои бикру андешаҳои тозаи хешро дар фаслҳои мақола – "Пойтахт; Пойтахт ва фарҳанги сиёсӣ"; "Пойтахт ва амният"; "Идеяи миллӣ ва пойтахт"; "Истиқлол, пойтахт ва ҷавонон" ва хулоса ба таври мушаххасу муҷаз манзури хонанда мегардонад.

Асолату салобати давлатдорӣ, шукӯҳу шаҳомати мамлакат марбут аст ба пойтахти он, зеро пойтахт зербино, субот, амният ва ба василаи тарҳи шаҳрдории зебову маъмурии ифодакунандаи арзишҳо ва армонҳои миллӣ, хиёбону гулгаштҳои муосир дар чашми хориҷиён, намоди соҳибқудративу салтанатдории ҳар миллат махсуб меёбад ва хушбахтона, шаҳри Душанбе муносиб ба ин гуна сифатҳост.

Дар ин замина, муҳаббат парвардан ба пойтахти мамлакат, садоқат доштан ба маркази зуҳури эътибори миллати хеш вазифаи муқаддаси ҳар як сокини Тоҷикистони азиз аст.

Масъалаи ҳаётан муҳим барои давлат, амният ба шумор меравад ва ин нукта бе баҳс буда, ки заминаи бунёдии рушду нумуи кишвар дар кулли ҷабҳаҳои зиндагӣ, амну суботу осоиштагист. Аз ҳамин нуктаи назар, С.Ятимов дар мақолаи "Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат" ақидаи возеҳро перомуни нигоштаҳои боло дар фасли "Пойтахт ва амният" ба қалам дода, суханро аз масъулияти умдаи давлатдорӣ, осудагии кулли кишвар, услуби вижаи роҳандозии фаъолияти маъмурии пойтахт оғоз мебахшад. Ва баъди ишорае ба ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат (1992-1997) роҷеъ ба асоси оромиву осоиштагии кишвар фарзияи мукаммалу мухтасарро ироа карда, ҷуброннопазирии оқибатҳои ҷанги хунумонсӯзи шаҳрвандиро барҷаставу муассир ёдрас мешаванд:

"...Оқибатҳои фоҷиабори хостаҳои онҳо (гурӯҳҳои хуношоми ҷанги шаҳрвандӣ – М.Ғ.) ҷуброннопазиранд, баргардонии тақдири инсонҳо – ҳазорҳо оилаҳои фарзандгумкарда, падару писарталафдода ғайриимкон аст..."

Дар фасли – "Пойтахт ва амният", дар мабнои мавқеъ гирифтан дар чунин давраи пурихтилофу нооромии ҷомеаи муосир, ки илму дониш, мактабу маориф ва андешаҳои созандаи зиёиёни мамлакат метавонанд кишварро аз ҳар гуна омилҳои хатарзову фоҷеабор вораҳонад, мавсуф ақидаҳои пешқадамро баён мекунад. Дар ин масир мо бояд пайваста саҳм гирем. Ва мусаллам аст, ки дар дилхоҳ кишварҳои олам ҳанӯз аз асрҳои миёна тулуи авҷи илму дониш аз пойтахт шуруъ мешавад ва ин андешаи дақиқ дигар арқому далоили яқин надорад. Хушбахтона, чунон ки аз мухтавои мақолаи мазкур бармеояд, тайи солҳои охир пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маркази рушди бесобиқаи илму маориф мубаддал гардидааст ва ин музаффарият паёмест азояндаи дурахшони мамлакатамон.

Мафҳумҳои "идеяи миллӣ" ва "пойтахт" кутбнамою меҳвари истиқлоли комили давлатии ҳар як давлати миллист. Бар ҳамин асос рафъати андешаи миллии мардум, ки дар такя ба идеяи миллӣ зуҳур мекунад, дар ҳифзи арзишҳо ва армонҳои миллӣ қарор мегирад ва дигар ҳеҷ ҷаҳонбинии таҳмилию сунъӣ наметавонад ба тафаккури созанда рахна ворид намояд. Дар тақвияти ин андеша профессор С. Ятимов воқеъбинона мегӯяд, ки: "...Агар ҷаҳонбинӣ, маънавиёт, дидгоҳ ва рӯҳи мардум ба рӯи хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ асос наёфта бошад, Истиқлоли давлатӣ, ғайр аз эъломияи холӣ зуҳуроти пойдор ва дарозмуддате нест ва буда ҳам наметавонад. Ҳама гуна шаклҳои шуури ҷамъият, аз ҷумла, ҳизбӣ, синфӣ, динӣ, гурӯҳӣ ҳатто геополитикӣ ҳам ҳаққи мавҷудиятро доранд. Аммо сирф дар чаҳорчӯбаи манфиатҳои миллӣ. Зеро ҷаҳонбинии миллӣ офтоби ҳаётбахши миллат аст..."



Дар фасли ироашуда доир ба таълимоти Мартин Лютер (асри XVI) - донишманди олмонӣ фикрҳои ҷолиб изҳор шудааст, ки таҳлили доманфарохи он аз имкони роқими сутур берун аст ва ҳамин ишораи муаллифи мақола перомуни ғояи меҳварии Мартин кофист, ки оид ба ташкили давлати миллӣ сарфаҳм равем: "...То миллат аз рӯҳияи ғуломӣ озод набошад, вобаста ва идорашавандаи бегонагон хоҳад буд..." Ва сухани Ф. Бекон бо дарназардошти шароити феълӣ - бо пешниҳоди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон шудани "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ дар соҳаи илму маориф" (2020-2040) дар кишварамон мувофиқ муносиб аст:

"...Бузургтарин натиҷаи ақли инсонӣ – сохтани асбоб ва воситаҳост..." Ҳоло замони ихтироъю кашфиёт кайҳо фаро расидаву ба тадқиқи асрори илмии заминӣ ва коинотӣ дастрасӣ надорем, яъне амаламон ҷавобгӯи тақозои давр нест. Дар ин маврид бояд дастҷамъона биандешем, ки рушди пойтахт ва дар маҷмуъ, кулли самтҳои тараққиёти ҷомеаамон ниёз ба ихтирооту тадқиқи асрорҳои навини илмӣ дорад, хоса илмҳои дақиқу табиатшиносӣ.

Фасли охири мақолаи "Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат" – Истиқлол, пойтахт ва ҷавонон буда, муаллиф бо ишораи қатъию огаҳмандона аз давлатдорӣ ва ҳифзу пешбурди манфиатҳои миллӣ суханро шуруъ менамояд. Ва тафохур аз фарҳанг ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба хотири пойдории давлат яке аз вазифаҳои муқаддаси ҳар фарди ба нангу номуси мамлакат аст.

Дар тӯли 30 соли Истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои беназири сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ноил гардид. Аз ин хотир, муаллиф дар ин фасл суханро аз муҳимтарин масъалаи ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ оғоз карда, мушкилоти ҳифзи ҳадафҳои олиро дар шароити гуногуни воқеӣ ва оид ба мақоми барҷастаи Пешвои миллат ба таври зайл шарҳ медиҳад:

"... Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлати навини тоҷиконро асос гузошт. Мактаб ва усули роҳбарии мабно бар дониш, хирад, мардумсолорӣ, тавоноии дарки орзуву омоли халқи заҳматкаш, додрасӣ, намунаи рафтори роҳбарӣ, қудрати волои суханварӣ, фурӯтаниву хоксорӣ ва олиҳимматии ҷавонмардонаро дар амал нишон дод..."

Воқеан, тезиси зерини муҳаққиқи назарсанҷ ҷанбаи назаргоҳест, ки хонандаро ба муҳтаво ва дарунмояи мақолаи "Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат" мутаваҷҷеҳ мекунад.

Таъкиди сиёсатшиноси муваффақ ба нуктаи фавқ вобаста аст ба хатти мазмуни нигошта, ки маҳз пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон макони аслии падидоии шахсияти таърихӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мактаби эҷоднамудаи давлатдории муосири миллати фарҳангсолори тоҷикони эшон аст ва аҳли ҷомеа - хоса ҷавонони зираку ҳушманди мамлакат бояд бо донишу фазилат, хулқу рафтори писандида меросбар - ворисӣ ҳақиқию воқеии маркази эҳёи соҳибистиқлолии кишвари маҳбуб - Тоҷикистон - пойтахти он бошанд.

Ҷавонони банангу номуси мамлакат дар замоне ки даргириҳои геополитикӣ сурат мегирад, бояд зираку ҳушёр бошанд, вазифаи ҷониву имонии онҳо аз он иборат аст, ки тибқи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат сарзамини биҳиштосои хешро аз ҳар гуна хавфу хатарҳои таҳдидкунанда ба ваҳдати комили миллат чун гавҳараки чашм муҳофизат менамоянд. Вобаста ба ин дар мақола дастури муфидест барои ҷавонони кишвар:

"...Устоди беҳтарини инсон илм, маърифат, дониш ва ҷавҳари он таҷрибаи зиндагӣ мебошад..."

Фасли "Истиқлол, пойтахт ва ҷавонон" бо мазмуни зерин ҷамъбаст мешавад, ки муҳтарам Рустами Эмомалӣ дастпарвари мактаби давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Фарзияи боло ҳақиқати воқеист, зеро таърихи 30-солаи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ба исбот расонд, ки мактаби давлатдории Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷанбаҳои муҳимми санъати сарварии як давлати воҳиди миллӣ дар душвортарин марҳилаи таърихӣ қодир аст сиёсатмадорону иқтисоддонон ва фарҳангиёнеро тарбият намояд, ки шахсияташон метавонад боиси иззату эҳтироми вижаи ҳама гуна ҷомеаи мутамаддин қарор гирад.

Дар маҷмуъ, дар мақолаи "Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат" ба мафҳумҳои "пойтахти давлат" ва "истиқлоли миллат" тафсири комил дода шуда, он барои минбаъд мавқеъ гирифтан дар самти рушди ҷабҳаҳои гуногун ва муҳимми ҳаёт дастури созандаест.

*Меҳриддин ҒИЁСӢ,*
*мудири шуъбаи иттилоот, робитаҳои илмӣ ва омӯзиши тамаддуни Шарқи Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ*

АХИҶТ 50-СОЛА ШУД

Дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сессияи зимистонаи Академияи хурди илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» баргузор гардид.

Дар он намояндагони сохторҳои академия ва роҳбарони бахшҳо, ки бо хонандагон дар давоми соли таҳсил кор мекунанд, намояндаи раёсати таҳсилоти иловагии Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

## Ҳамоиши хонандагони илмдӯст

ва хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе иштирок доштанд.

Сессияи зимистонаи Академияи хурди илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро академик Ҳикмат Ҳисориев ифтитоҳ намуда, ҳозиринро ба ифтихори 50-солагии Академияи хурди илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфт.

Дар сессияи зимистонаи Академияи хурди илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хонандагон – аъзои Ҷамъияти илмӣ-эҷодии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳои шаҳри Душанбе ва хонандагон аз муассисаҳои таълимии ноҳияи Рӯдакӣ ва шаҳрҳои Ҳисору Норак иштирок намуданд.

Дар маҷмуъ, 16 нафар хонанда корҳои илмии анҷомдодаи худро пешниҳод намуданд.

Дар сессия инҳо баромад намуданд: **дар бахши математика** Қудратова Сайрам (МТМУ №34)-и ноҳияи Рӯдакӣ, Кучакшоев Муртазо (МТМУ №71)-и ноҳияи Шоҳмансур **дар бахши физика,** Ярахмадов Аличон (МТМУ №36)-и ноҳияи Шоҳмансур ва Иванова София (литсейи №3)-и шаҳри Душанбе **дар бахши технологияи иттилоотӣ, дар бахши тиб** Алимқулова Амина (литсейи №2)-и шаҳри Душанбе, Сайфиддинова Меҳрона (гимназияи №2)-и шаҳри Душанбе ва Расулова Меҳрона (литсейи №3)-и шаҳри Душанбе **дар бахши биология, дар бахши астрономия** Акрами Мусо (литсейи «Раҳнамо»)-и шаҳри Душанбе, **дар бахши химия** Амонова Марҷона (МТМУ №47)-и шаҳри Ҳисор ва Раҳмонова Фотима (МТМУ №45)-и ноҳияи Рӯдакӣ, **дар бахши ҳуқуқ** Асадуллозода Насиба (МТМУ №71)-и ноҳияи Шоҳмансур, **дар бахши таърих ва бостоншиносӣ** Ибодова Сановбар (МТМУ №33)-и ноҳияи Сино ва Тағойзода Фирдавс (МТМУ №4)-и шаҳри Норак, **дар бахши гидрохимия** Раҳмонов Насрулло (МТМУ №76)-и шаҳри Ҳисор ва **дар бахши генетика** Саидаминова Амина (МТМУ №21)-и ноҳияи Шоҳмансур. Баромадкунандагон баъди анҷоми маърӯзаҳои худ ба саволҳои аз тарафи олимон пешниҳодгардида ҷавобҳои мушаххас дода тавонистанд.

Дар фарҷоми сессия бо фармоиши президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба муносибати 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 70-солагии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва 50-солагии Академияи хурди илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳ кормандони шуъбаи кор бо мактаббачагони раёсати Академияи хурди илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омӯзгороне, ки солҳои тӯлонӣ хонандагонро ба сессияҳои тобистона ва зимистонаи Академияи хурди илмҳо омода кардаанд, бо ифтихорномаҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

*Тӯрақул ҶУМЪАЕВ,*
*собиқадори маориф*

*Марги соҳибдил ҷаҳонеро далели кулфат аст.*
*Бедил*

«Омӯзгор» № 3, 20 январи соли 2022

ИДЕОЛОГИЯ

# Роҳи миллат агар аз нури хирад равшан нест...

## (Чанд андеша оид ба нодонӣ, хурофот ва таассуб, ки омили асосии боздорандаи рушди миллатҳо ва нобудии давлатҳост)

***Дар дарозои таърих ва тамаддуни башарӣ яке аз омили аслие, ки сабаби бадбахтӣ ва ҷангу куштор, вомондагӣ, бечорагӣ ва дасти ниёзи хеш бар сӯи тахайюл дароз намудани башар гардида, нодонӣ будааст. Нодонӣ дар пайи хеш ҳазорон мушкили дигарро бар сари башарият овардааст.***

Аз ин лиҳоз, агар ба решашиносии хурофот назар афканем, он решаҳои имрӯзӣ надорад, балки умқи онро ҳанӯз аз ҷомеаи ибтидоӣ ва инсони нимаваҳшӣ метавон ҷуст, ки он замон дар баробари ҳодисаю воқеаҳо дониш ва таҷрибаи илмӣ надоштад. Нодонӣ ҳамвора барои башарият мушкили меҳварӣ ва сабаби бозмондагӣ ва дар як ҷо по кӯфтан будааст. Инсон аз замоне, ки худро шинохт, олами ҳастӣ ва падидаҳои атроф ба назараш асрорангез ва тааҷҷуббарангезанда ба назар мерасид. Вале чун дониш ва ҷаҳонфаҳмияш ҳанӯз падидаҳои атрофро дуруст ташхис карда наметавонист, ночор ба тахайюл задан перомуни ҳодисаҳо пардохтааст.

**Омили дигари ба хурофа тамоюл кардани** инсонҳо тарси инсон дар баробари ҳаводис аст, ки маншаъ аз нодонии инсон дар баробари ҳаводис будааст. Чун ҳаводиси дар табиат ба вуқӯъ пайваста, гоҳо барои инсону ҷомеаи ӯ хатарафзо буданд ва одатан аксари онҳо метавонистаанд ба ҳаёти воқеии инсон таъсиргузор бошанд ва дар бисёр мавридҳо хатари вуҷудиро ба миён меоварданд ва дар баробари онҳо инсон оҷиз буд ва амалеро анҷом дода наметавонист, ӯро тарс аз нобудӣ фаро мегирифт, ночор аз рӯи тахайюли худ амалҳоеро анҷом медод ки гӯё аз ин роҳ мехост як навъе ба қувваҳои мармузе, ки муҳаррики асосии ин воқеаҳо буданд як навъ ҳоҳиш илтиҷои хешро анҷом диҳад. Ҳамин аст, ки дар баробари ин гуна ҳодисот инсон ҳазорон навъи расму оинҳоро ба вуҷуд овардааст. Аз ҷумла, дар баробари ҳодисаҳое аз қабили тӯфон, обхезӣ, хушксолӣ, сард омадани зимистон амалҳоеро, аз қабили қурбонӣ кардан ба дарёҳо, илтимосу илтиҷо кардан аз борону тӯфону амсоли ин, хондани дуову авроду ва ибодат кардан дар баробари ҳодисаҳои ба вуҷуд омада ва амсоли ин амалҳоеанд, ки инсон ба ҳаводис хусусияти инсонӣ дода, барои раҳоӣ аз онҳо ҷораандешии тасаллибахши хаёливу рӯъёӣ намудааст.

**Омили дигар ин ниёзи инсонӣ аст**. Мусаллам аст, ки инсон ҳамчун мавҷуди зинда дорои ниёзҳои моддист, ки муҳаррики асосии фаъолияти ӯ қарор гирифтаанд. Яъне ниёзҳои моддии инсон, ки асоси зиндагии ӯро ташкил медиҳанд, сабаб гардидаанд, то инсон роҳҳои гуногуни ҳалли онҳоро ҷораандешӣ намоянд. Чун барои қонеъ кардани ниёзҳояш имкон ва шароитҳои табиӣ ҳамеша муътадил ва яксон набудаанд. Гоҳе ки ин ниёзҳоро барварда кардан наметавонист ва дар садади маргу зиндагӣ қарор мегирифт, ночор буд барои барварда кардани ниёзҳои моддиаш ба амалкардҳое аз қабили дуохонию ибодат кардан ва мадад ҷустан аз падидаҳои атроф ва қувваҳои мовароӣ ақаллан барои хеш умед ҷӯяд ва зеҳни ноороми хешро ором созад. Чун одами ночор ба ситез бо табиат буд ва ҳар лаҳза дар хатари ҳуҷуми ҳамнавъони худ ва ё ҳайвоноту ҳодисаҳои табиӣ, таҳаввулоти заминӣ буд, ба ин умеде кашонида мешуд, ки ӯ аз маҷмуи қувват дархости кумак мекард ва пеш аз ҳама худро оромиш мебахшид ва гумон мекард, ки ин тарзи амалкард ӯро қудрат ва неру мебахшад то тавонад дар баробари ин ҳаводиси кушанда истодагарӣ намояд ва хешро наҷот диҳад.



**Омили дигари хурофаандешии инсонҳо он будааст, ки чун аз табиати инсон ноогоҳ будаанд** ва қобилиятҳои инсонҳоро дуруст шинохта наметавонистаанд ва таъсири ҷанбаҳои биологию иҷтимоиро дар рушди инсон ташхис карда наметавонистаанд, аз ин ҷиҳат гумон мекарданд, ки нафароне, ки қобилияти бештар доранд, онҳо асрорангез, муъҷизанок ва сарнавиштианд. Ҳамин боис гардида, ки як инсони ҳамнавъи заминиро ки ҳеҷ қудрати мовароие надорад, тахайюли хешро ба он бор кунанд ва аз он як вуҷуди фарозаминии дуруст кунанд ва онро мавриди ибодату парастиш қарор диҳанд. Ноогоҳӣ аз раванди ташаккули фард дар ҷомеа ва ба шахсият табдил ёфтани он асли ин падида аст.

Қобили қайд аст, ки дар тамоми даврони мавҷудияти хеш башарият ҳамеша барои зинда мондан тадбирҳоеро андешидааст. Гоҳо ин тадбирҳо тадбирҳои таҷрибашуда, оқилона ва таъсиргузор буда, гоҳо ин тадбирҳо хусусияти ниёишӣ, ибодатӣ, тахайюлӣ ва эътиқодӣ доштаанд. Дар раванди таҳаввули донишҳои илмиву таҷрибии башар яххои кӯҳи хурофот бо расидани нурҳои хирад ором – ором аз он ваҳшати куҳане, ки дар зеҳни башар доштаанд, ба як чизҳои одӣ ва маъмулӣ табдил ёфтаанд. Инсон бо мусаллат шудан ба донишҳои навин ва огоҳии илмӣ пайдо намудан дар баробари онҳо на танҳо аз бинишҳои қаблии хурофотии худ даст кашид, балки аз ин падидаҳои ваҳмангези пурасрор бо дарки хусусияту моҳияташон аз онҳо фарояндҳое ба вуҷуд овард, ки тавонистаанд ба сатҳу сифати зиндагии инсоният таъсири мусбии хешро гузоранд.

Дар баробари ин, ҳанӯз ҳам дар иддае аз кишварҳои ҷаҳон хурофот ва нодонӣ бедод мекунад. Он ҷо ки хурофоту нодонист, мардум на аз ақл, балки аз ҷаҳл кор мегиранд. Ҷоҳилӣ мушкилро як бар сад меафзояд. Он ҷо ки ҷаҳолат аст, ноадолатӣ, ҷабру зулм, нобаробарӣ ва фақру беморӣ бедод мекунад. Ҷомеаи хурофазада сахт осебпазир ва бадани иҷтимоии он заифу нопойдор аст. Мардумонаш бо донишу огоҳӣ ва хирадварзӣ дар ситез қарор мегирад. Хушбахтиву саодатро на дар амалкардҳои худ ва роҳҳои ҳалли ақлонии он, балки аз бегонагон ва қувваҳои мовароӣ интизоранд. Онҳо ҳамеша мутмаинанд, ки неку бадашон ва камиву костиашон марбути онҳо нест. Гӯё ба ҳамаи ин кадом омилҳои берунӣ (кишварҳои берунӣ) ё сарнавиштӣ таъсиргузоранд. Ин гуна ҷомеа ва мардум ба ҳайси қувваи арзони корӣ мавриди сӯистифодаи кишварҳои дигар қарор мегиранд. Захираҳои табииашон танҳо чун ашёи хом барои кишварҳои дигар хидмат мекунад. Илм ва ниҳодҳои илмиву маърифатӣ дар ин гуна ҷомеа ҷойгоҳи муассире надоранд. Олим ва омӯзгор ба ҳайси як қишри бе пушту паноҳ мақоми чандоне надорад. Баръакс, мардум аз илммеҳварӣ бештар эътиқодмеҳваранд ва аз роҳҳои илмии ҳалли мушкилот, бештар думболаи ҳалли эътиқодии мушкилашонанд. Ин гуна тафаккур ва ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмӣ сабаби он гардидааст, ки дар ин гуна кишварҳо маҷмуи ниҳодҳои эътиқодӣ бештар аз ниҳодҳои илмианд. На танҳо ибодатгоҳҳо, балки ҳазорон макону ашёву ҳодисаҳо ба ҳайси «мушкилкушои» (Ин ҷо ба шумули ибодатгоҳҳои расмӣ, эшонҳо, духонҳо, ҷинбарорҳо, мазорҳо, чашмаҳо, қадамҷоҳо ва ғ. дар назаранд.) бовармандони ин навъи ҷомеа фаъоланд.

**(Давом дорад)**

***Исомиддин ШАРИФЗОДА,***
***номзади илмҳои фалсафа,***
***мудири кафедраи фанҳои гуманитарии ДТТ***

АРЗИШИ МИЛЛӢ

# Забони модарии мо тавоност

***Борҳо таъкид шудааст, ки дар ташаккули дурусту бомароми кӯдакон, дар рушди маънавии онҳо ва дар шаклгирии одатҳои ҳамидаи насли наврас зинаи аввали таҳсилот нақши барҷаста ва хеле муҳим дорад. Аз ин рӯ, дар дабистонҳо ба сатҳи таълиму тарбия дар синфҳои ибтидоӣ бояд диққати махсус зоҳир кард. Ҳикмати барҳақест, ки «Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст».***

Бояд бикӯшид, ки шогирдони мо аз хурдӣ «по рост гузоранд» ва «ба роҳи беварта» қадам зананд. Агар дар шогирди мо дар зинаи аввали таҳсилот одате ношоиста пайдо шавад, барои рафъи он омӯзгорро зарур меояд, ки басо заҳмат ба харҷ диҳад. Бояд бар он бикӯшид, ки хонандагон аз ҳама гуна одату рафтори ношоиста барканор бошанд, дар онҳо ҳисси ватандӯстию эҳтироми миллат ва арзишҳои миллӣ, муҳаббат ба халқу диёри азизи хеш, эҳтиром нисбат ба калонсолон, таваҷҷӯҳ ба китоб ва илму фарҳанг пайваста боло бигирад.

Яке аз хислатҳои ҳамидае, ки онро дар кӯдакон аз зинаи аввали таҳсилот бояд пайваста талқин кард, эҳтиром нисбат ба забони модарист. Ин масъала солҳои охир вобаста ба раванди ҷаҳонишавӣ ва мавқеи бештар пайдо кардани забонҳои сернуфуз боз ҳам ҷиддитар гаштааст. Аз тарафи дигар, чунонки воситаҳои ахбори умум пайваста бонги изтироб мезананд, забони наврасони мо зери таъсири алфози кӯчагӣ ва филмҳои хориҷӣ махлуту олуда мешавад, аксари ҷавонон бо забони модарӣ равону бегалат сухан гуфта наметавонанд. Дар кӯдакон, пеш аз ҳама, бояд нисбат ба каломи модарӣ муҳаббати самимӣ бипарваранд. Барои ин бояд ба онҳо бо забони содаву шево оид ба моҳияту аҳамияти забони тоҷикӣ шеърҳо гуфт, афсонаҳо бояд нақл намуд. Хушбахтона, дар ситоиши забони модарии мо шеърҳои зиёде гуфта шудаанд ва қисме аз онҳоро (бо пешниҳоди омӯзгор) шогирдони хурдсоламон бояд азёд донанд. Ба хонандагон таъкид бояд кард, ки сухани нодурусту муғлақ фаҳми маъниро душвор мекунад, ҳусни баёнро мекоҳонад ва сабаби малоли хотири ҳамсуҳбат мешавад. Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» овардааст: «Сухандону сухангӯй он бувад, ки ҳар чи гӯяд, мардумонро маълум шавад». Ба таъкиди Аҳмади Дониш, «маънии ҳар сухан бояд равшантар аз моҳ бошад». Барои ин бояд шогирдонро, махсусан, ба луғатомӯзию луғатдонӣ ҷалб кардан мебояд. Ба онҳо дар бораи фарҳангҳои забони тоҷикӣ ва луғатномаҳо нақл кардан лозим аст, ҳамчунин, батадриҷ ба хонандагон тариқи истифода фарҳангу луғатномаҳо аз луғатомӯзиро бояд омӯхт. Ба шогирдон тариқи талаффузи дурусти овозҳо ва донистани мавриди корбасти онҳоро омӯзонидан низ муҳим мебошад. Масалан, бо далелҳо ба онҳо таъкид бояд кард, ки нодурусту бемавқеъ истифода кардани овозҳои ӯ ва у боиси халалдор гардидани маъно ва нодуруст фаҳмидани матлаб мешавад. Овардани ин далелҳо мувофиқи мақсад аст: бӯр – бур, мӯл – мул, гӯл – гул, дӯхт - духт, кӯл – кул… Дар бораи мавқеи зада ва аҳамияти он дар дурустии фаҳми калимаҳо низ ба хонандагон маълумот ироа кардан муҳим аст. Ғалатҳои хонандагонро ҳангоми суҳбат ва суханрониашон бояд сари вақт ислоҳ карду тавзеҳ бахшид. Бояд бар он ноил шавем, ки шогирдони мо ҳам нисбат ба забони модарӣ муҳаббати самимӣ дошта бошанд ва ҳам бо ин забон равону бегалат сухан гуфта тавонанд ва бо фахр бигӯянд:

*Забони модарии мо тавоност,*
*Сари болои мо, ганҷинаи мост!*

***Фазила УМАРОВА,***
***муовини директор оид ба синфҳои ибтидоии мактаби №87-и ноҳияи Сино***

Дар шаҳри Бохтар аксияи «Тозагии соҳил» гузаронида шуд.

АНДЕША

# Мушкилоти кадрӣ: чӣ бояд кард?

***Омода сохтани кадрҳои соҳибихтисос, диққати зарурӣ ва доимӣ бахшидан ба тақвияти неруҳои ақлонӣ, бардоштани ҳама гуна садду монеаҳои воқеии сунъию эҳтимолӣ, роҳи васеъ кушодан ба ҳар гуна ихтироoту кашфиёти ҷадид, аз арзишҳои маъмулии миқдорӣ ба арзишҳои сифатӣ гузаштан вазифаҳои ногузири ҳар як миллат ба шумор меравад.***

Рисолати аслии кадрҳои соҳибихтисос, рушд бахшидани тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва дар олам муаррифӣ намудани он аст. “Мактаб- гаҳвораи тамаддун” ва “фарҳанг ҳастии миллат аст” гуфтани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам бесабаб нест. Кулли дастовардҳои дирӯзу имрӯзу фардои инсоният аз ҳамин ду сарчашмаи пок падид омадаас-ту меояд. Ин сарчашмаҳои зояндаро ҳамеша пок бояд дошт. Онҳоро нодида гирифтан, дар ҳифзашон саҳлангорӣ намудан, дар роҳи рушдашон монеаҳои сунъӣ эҷод намудан ҳамеша бар зарари рушду нумӯи ҷомеа аст.

Алҳол дар ҷомеаи мо қариб дар аксарияти соҳаҳо зуҳуроти норасоии кадрӣ, хусусан, кадрҳои босаводи ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ ба мушоҳида мерасад. Байни кадрҳои соҳибихтисоси замони Иттиҳоди Шӯравӣ ва кадрҳои имрӯза гӯё як фазои холӣ ҳукмфармост. Силсилазанҷири идомаи анъанаҳои нек гусаста гардида, таҷрибаивазкунию худомӯзӣ, худтанқидкунӣ барин мафҳумҳо тамоман аз байн рафтаанд.. Бо ин тарзи муносибату рафтор то куҷо мерасем?!

Баъзан насли ҷавонро таъна мезанему пайваста коҳиш менамоем, ки ин қадар волаю шайдо ва ташнаю ҳариси филмҳои истеҳсоли туркианд. Охир, худ қазоват намоед, ки овони ҷавонӣ мавсими ҷӯшу хурӯши умр асту ҷавонон талаботи пуртуғёни ҳиссиёти ботинии худро бояд бо воситае фурӯ нишонанд. Адабиёту таърихи ҳазорсола дорем. Дар саҳифаҳои онҳо ҳазорон қиссаю ривоят, асарҳо ва воқеаҳои ҷолиб мавҷуданд, вале ҳунари мисли туркон офаридан надорем. Халқҳое, ки дирӯзакак соҳиби адабиёту фарҳанг шуданд, моро мафтуну машғули худ сохтаанд. Қиссаи “ Юсуф ва Зулайхо” ҳазор сол аст, ки дар адабиёти мо сайр дорад. Вай моли ҳалоли мост. Чаро мо оид ба ин асар ва қиссаҳои амсоли он чизе офарида наметавонем? Як филми ҳунарии эронии “Юсуф ва Зулайхо” қариб як соли дароз, аз кӯдаки гаҳвора сар карда, то пиру кампири ҳаштодсолаи моро ба пояҳои оинаи нилгун баста монд. Филмҳои ба мисли “Қисмати шоир”, “Рустам ва Сӯҳроб”, “Достони Сиёвуш”, “Коваи оҳангар”, “Ашк ва шамшер”, ”Ҳеҷбудагон”, ”Марги судхӯр” боз оё падид меомада бошанд?!

Чунин ҳолат дар ҳамаи ҷабҳаю соҳаҳо ҳукмфармост. Вақте мураббӣ, муаллим, устод, олим, ҳунарманд, адиб, рӯзноманигор барои сариштa намудани рӯзгораш ба ҷуз шуғли вазифавии худ ба



мардикорӣ, муҳоҷират, киштукор, мевачинию мевахушкунӣ, устогӣ ва тиҷорат машғул мешавад, дигар чӣ ҳоҷати гап.

Мушкилоти кадрӣ дар ҳақиқат, нуктаи заъфи мост. Дар аксарияти мактабҳои деҳот омӯзгорони соҳибихтисос намерасанд. Натиҷаи ҳисоботи дурӯғини тамаллуқкорона, фишору тазйиқи бемавриду ноҷо, поймол намудани ҳуқуқи омӯзгор моро оқибат ба ин вартa андохтааст. Хуллас, ҳар кӣ аз остонаи муқаддаси мактаб баъди “хараш аз лой гузаштан” берун пой мондаву паррончак шуд, ба намакдони ин даргоҳу заҳмати устодонаш туф кард...

Чун соли 2014 ММТ-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ҳама онро ба хушнудӣ пазируфтанд. Ҳаводоронаш низ ниҳоят бисёр буд. Ҳар як хатмкунанда вобаста ба имконият, дониш ва истеъдодаш ба кластерҳои дилхоҳаш ҳуҷҷат месупорид. Дар таърихи навини тоҷикон ин як такони ҷиддие буд барои гирифтани маълумоти дилхоҳ. Вале тадриҷан, бо гузашти 4-5 сол ба осиёби ин маърака оби хунук ворид шуд.

Истеъдодҳо, кадрҳои соҳибихтисос гулҳо сари сабади ҳар як ҷомеа ва муаррифгари миллатанд. Истеъдодҳоро бояд дарёфт намуд, сипас тарбия карда, ҳунару малакаи худододашонро бо оби меҳру ғамхорӣ суфтаю сайқал бояд дод. Ҳама дар ҷамъият соҳибистеъдоду соҳибихтисос будаю шуда наметавонанд. Баҳогузории яксон ва нодида гирифтани баъзе нуктаҳои нозуки рушди миллӣ, баъди даҳсолаҳо хатои маҳз будани худро бармало ошкор месозанд. Вале баъди кор аз кор гузаштан, ҳазор мушти пушаймонӣ ба сар занед ҳам, заррае фоида надорад.

Бино ба иттилоъ ва таҳлили расонаҳои хабарӣ ва мутахассисон, мебоист мактабҳои олии кишвар тибқи ММТ имсол 86 ҳазор донишҷӯйро ба таҳсил фаро мегирифтанд. Гарчи маъракаи ташвиқу таблиғ дар тамоми муассисаҳои миёнаи умумии кишвар, литсейю гимназияҳо хеле хубу самаранок ба роҳ монда шуда буд, вале ҳамагӣ ба ММТ 65 ҳазор нафар довталаб ҳуҷҷат супориданду халос, ки ин нақшаи қабулро 61,4 дарсад таъмин сохт. Ин нишондиҳанда назар ба як соли қаблӣ 16,4 дарсад кам аст. Бар замми ин, аз 65 ҳазор нафар довталаби ҳуҷҷатсупорида ва аз имтиҳонҳо гузаштаю ба унвони донишҷӯ соҳибшуда боз 12 ҳазор нафари дигар дар оғози соли таҳсил ба дарс ҳозир нашуданд.

Сабаби ин адами муносибат ба омӯзиши илм, ки сарчашмаи нуру зиё ва хушбахтист, дар куҷост?! Ҷавоби онро нахуст дар шароити иқтисодии хонаводагии довталабон бояд ҷустуҷӯ намуд. Маблағи гарони шартномаҳои таҳсил, ҳар сол рӯ ба коҳиш нею ба инкишоф аст. Ин мушкилот ҷавононро намегузорад, ба орзуҳои деринаи худ дастрасӣ дошта бошанд. Пайдо намудани ҷойҳои корӣ низ пас аз хатми донишгоҳу донишкадаҳо худ як муаммои дигар аст. Ҷорӣ гаштани хизмати яксолаи ҳатмӣ баъди хатми донишгоҳҳо ҳам ба алангаи ғайрати бисёриҳо оби сард рехт. Аз ин сабабҳо ҷавонон роҳи пурхатару осони ба саодат расидан, яъне муҳоҷирати меҳнатиро аз роҳи душвортару бошарафи ба саодат расидан, яъне таҳсил ва хизмат ба Ватани маҳбуб авло донистa, ба номи пурифтихори донишҷӯйи соҳиб шуда бошанд ҳам, аз баҳри таҳсил баромада, роҳи мулки бегонаро пеш гирифтанд.

Дар қатори донишҷӯён имсол теъдоди қабули магистранту докторантҳо низ ба тавре хеле нигаронкунанда коҳиш ёфтааст. Танҳо Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон 30 дарсади нақшаи қабули магистрантҳоро иҷро намуду халос. Ба ҷои 194 нафари дар нақша буда, ҳамагӣ 57 нафар довталаб имсол ба докторантураи ДМТ ҳуҷҷат супорид.

Барои пиёда намудани ормонҳои миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ баъзан қонуну қоидаҳое мавҷуданд, ки онҳо ҳанӯз ба рӯйи коғаз наомадаанд. Онҳо дар лавҳи дили инсонҳои соҳибдил, худогоҳ, бонангу номус наққошию ҳаккокӣ гардидаанд. Риояи онҳо ба суди миллат аст. Риояи онҳоро аз инсонҳои бузургу ватанхоҳу ояндабин интизор шудан мумкин аст.

Барои андешаронӣ мисолеро пешкаши аҳли хираду фаҳм месозам. Муддати адои шартномаи гарони таҳсил дар макотиби олӣ барои як соли хониш аст. Маънояш ҳамин, ки донишҷӯй ҳақ дорад, то охири соли таҳсил онро пурра ё вобаста ба шароити иқтисодиаш қисм- қисм пардохт намояд. Вале ҳақиқати воқеӣ ин тавр нест. Ҳоло донишҷӯй паси мизи мактаби олӣ нанишаста, даъвою талабу пардохти маблағи шартнома оғоз меёбад. Ҳамин шева ҳам як сабаби аслии дилсардии довталабон аз идомаи таҳсил аст...

Дар Паёми охирини хеш Пешвои миллат аз минбари баланд зикр намуданд, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ 11 ҳазору 500 нафар духтарони ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон тибқи квотаи Президентӣ таҳсил намуда, маълумоти олӣ гирифтанд. Ҳамаи онҳо соҳиби тахассус гардида, ба халқу миллат бедареғ хизмат намуда истодаанд.

Ба ҷойи бунёди садҳои сунъӣ, монеаҳои бебунёд, ки ба дурнамои нақшаи тайёр намудани кадрҳои соҳибихтисос зарба мезананд, чун Пешвои муаззам дар ин самт ташуббускору ғамхор мебояд буд. Тибқи квотаи Президентӣ хондани хатмкунандагони ноҳияҳои дурдасти кишвар, хусусан, духтарон, дар ягон асру замони таърихи тоҷикон набуд. Агар ҳар як фарди худогоҳу дилсӯзи миллат ватанхоҳияшро дар суханҳои пучу болохонадор не, балки дар амал собит карда метавонист, ақаллан ҳар сол ё дар 3-5 сол як маротиба мисли Пешвои миллат нафарерo аз фарзандони оилаҳои камбизоат ба мактабҳои олӣ дохил карда, дар таҳсилаш маблағгузорӣ менамуд, нуран алонур мешуд.

Афсӯс, ки барои аксарияти қишри ҷомеа пул, молу сарват маънои аслии зиндагӣ гардидааст. Арзишҳои миллӣ, анъанаҳои суннатӣ, тайёр намудани кадрҳои ба меъёрҳои байналхалқӣ рақобатпазир, ояндаи миллат барои бисёриҳо қиммате надорад. Оҳанро бояд дар гармиаш кӯфт, чун сарду сахт мегардад, бо ҳазорон заҳмати оҳангару зарбаи путк аз он чизе ҳосил намешавад...

***Исматуллоҳи АБДУЛЛОҲ,***
***узви ИЖТ,***
***директори МТМУ № 25,***
***шаҳри Исфара***

ОМӮЗГОРОНИ МО

Ёдам меояд солҳои ҷанги дохилӣ дар кишвар бо сабаби нарасидани омӯзгорон, набудани шароити мусоиди таълимӣ, мактабҳо ба мушкилӣ дучор шуда буданд. Дар ҳамин вазъи сангин собиқ мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Файзобод Ҳасан Зиёев таъкид кард,

## Ҷӯяндаю кӯшо

ки занону духтарони фаъол ба курси кӯтоҳмуддати омӯзгорӣ ҷалб карда шаванд, то ин ки муассисаҳои таълимӣ бе омӯзгор намонанд. Он солҳо, махсусан, дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгорон намерасиданд. Бо супориши шуъбаи маорифи ноҳия дар муассисаи таҳсилоти рақами 12 омӯзгорони ҷавон Дилафрӯз Толибова, Гулракат Мирзоева, Шарқия Муҳиддинова ва Муъгабар Мирзоева ба таълиму тарбияи хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ ҷалб шуданд. Соли 2006 дар шаҳри Ваҳдат филиали коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ кушода шуд. Дилафрӯз Толибова ба ҳамкоронаш ба коллеҷи мазкур имтиҳонҳоро бо муваффақият супорида, донишҷӯ шуданд. Дилафрӯз Толибова пас аз хатми коллеҷи омӯзгории шаҳри Ваҳдат ба муассисаи таҳсилоти умумии рақами 12 ба фаъолияти корӣ шуруъ кард.

Дилафрӯз Толибова 24 сол мешавад, ки ба хонандагони синфҳои поёнӣ дарс мегӯяд. Мавсуф дар давоми фаъолияти омӯзгориаш садҳо нафар шогирдро тарбия ва ба камол расондааст, ки дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар вазифаҳои гуногун фаъолият мекунанд. Айни замон омӯзгор Дилафрӯз Толибова донишҷӯи ғоибонаи курси чоруми Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Дилафрӯз Толибова барои хизматҳои шоистааш дар пешбурди таълиму тарбияи хонандагон борҳо ба ифтихорномаю сипосномаҳои шуъбаи маорифи ноҳия ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.

***Ҳокими САФАР,***
***ноҳияи Файзобод***

## Мавҷуда Имомназарова – беҳтарин омӯзгор



Омӯзгори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавҷуда Имомназарова дар Озмуни байналмилалии «Беҳтарин педагог-2021» бо дипломи дараҷаи III ва медали «Беҳтарин педагог-2021» сарфароз гардонида шуд. Озмуни мазкур миёни муассисаҳои илмӣ-таълимӣ бахшида ба 30-солагии ИДМ таҳти унвони «Беҳтаринҳо дар маориф-2021» дар шаҳри Нурсултони Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид. Мавриди зикр аст, ки озмун аз тарафи Ташкилоти ҷамъиятии «Ассотсиатсияи байналмилалии олимони ҷавон» ва Иттиҳоди шахсони ҳуқуқӣ дар шакли Ассотсиатсияи «Ҳаракати умумимиллии Бобек» байни омӯзгорон ва олимони ҷавони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сурат гирифт.

*Ҳар чи ба хок диҳӣ, аз хок боз ёбӣ.*
*Кайковус*

«Омӯзгор» № 3, 20 январи соли 2022

ТАҲЛИЛ

# Олимпиада: дарёфти истеъдодҳо ё иҷрои нақша?

*Хуб аст, ки ҳамасола дар ҷумҳурӣ олимпиадаҳои фаннии донишомӯзони муассисаҳои таълимӣ баргузор карда мешавад. Баргузории чунин мусобиқаҳои зеҳнӣ имкон медиҳад, то толибилмон дониш лаёқату маҳорати худро нишон диҳанд, қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодиашонро ошкор карда, минбаъд рушд бахшанд ва роҳи тахассусию касбиашонро дар зиндагӣ муайян намоянд.*

Албатта, дар олимпиада бояд онҳое иштирок кунанд, ки донишу маърифати кофӣ (ҳадди ақал дар доираи барномаҳои таълимӣ) доранд, эҷодкоранд ва дараҷаи тафаккурашон баландтар аст, чунонки дар "Низомномаи олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ" (банди 1.3.) омадааст: *"Дар олимпиада хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки барномаҳои таълимиро пурра аз худ намудаанд ва берун аз барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ аз уҳдаи талаботи супоришҳои олимпиада мебароянд, иштирок менамоянд."*

Мувофиқи ҳамин Низомнома (банди 3.1.) мақсади баргузор намудани олимпиада **дарёфт ва рушди истеъдоди хонандагонест, ки инкишофи зеҳнии онҳо ба самти фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ нигаронида шудааст**. Вобаста ба ин мақсад вазифаҳои олимпиадаро чунин шарҳ додаанд:

– *муҳайё кардани шароити мусоид барои дастгирӣ ва рушди хонандагон;*
– *бедор намудани шавқу ҳаваси хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба омӯзиши амиқи фанҳои таълимӣ;*
– *дарёфти хонандагони болаёқат, ки ба омӯзиши фанҳои алоҳида шавқ доранд, баланд бардоштани завқи онҳо дар омӯзиши амиқи фанҳо ва ташвиқи онҳо ба корҳои илмӣ, таҳқиқотӣ ва ихтироъкорӣ;*
– *ташаккули тафаккури илмӣ ва мантиқии хонандагон, бедор намудани завқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои ғайриодӣ;*
– *рушди қобилияти истифодаи донишҳои назариявӣ ва татбиқи он дар амалия;*
– *шиносоии бештари хонандагон ба кашфиёти нави илмҳои табиӣ-риёзӣ ва ҷамъиятию гуманитарӣ, тарғиби донишҳои илмӣ дар байни хонандагон;*
– *ошкор намудан ва рушди қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони болаёқат;*
– *мусоидат намудан ба хонандагон дар интихоби бошууронаи касб ва давом додани таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот...* ва монанди инҳо.

Агар ин вазифаҳо иҷро мегардиданд, ҳар сол чӣ қадар хонандаи болаёқату шавқманди омӯзиш, истеъдодҳои нав дарёфт мешуд ва шояд барои баланд бардоштани завқи онҳо дар омӯзиши амиқи фанҳо ва ташвиқашон ба корҳои илмӣ, таҳқиқотӣ ва ихтироъкорӣ тадбирҳое низ андешида мешуданд. Бо иҷрои ин вазифаҳо олимпиада ҳар сол дар рушди тафаккури илмӣ ва мантиқӣ, дар нумуви қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии чӣ қадар хонандаҳо мусоидат мекард...



Чаро ин вазифаҳо иҷро намешаванд? Натиҷаи дастовардҳои хонандагон дар ин олимпиадаҳо ва баҳсҳои (саҳеҳтар – **гиря** ва **ҷанҷолҳои**) онҳову омӯзгорон (ва гоҳо падару модарон)-ашон бо ҳайати бознигарӣ (аъзои комиссияи апеллятсионӣ) дар рӯзи бознигарӣ (истиноф, апеллятсия) нишон медиҳанд, ки мақсад аз баргузории олимпиада на иҷрои ин вазифаҳо, балки гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ (1-ум, 2-юм, 3-юм) ва пас аз он соҳиб шудан ба холҳои имтиёзӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбист.

Мо гуфтанӣ нестем, ки сабқаткунандагони олимпиада ва омӯзгоронашон дар рӯзи бознигарӣ бо аъзои комиссияи апеллятсионӣ баҳс накунанд. Не! Ҳаргиз не! Агар даъвои хонанда (омӯзгораш ҳам) асос дошта бошад, бояд баҳс кунад, исбот созад, ки ӯ ҳақ аст. Мо тарафдори ҳақ ва ҳақталошием, ҷонибдори баҳсҳои созандаем. Вале, афсӯс, баҳсу ҷанҷолҳои аксари озмоишшавандагону омӯзгорон ё волидайнашон бештар ба хотири гирифтани 1 ё 2 холи зиёдатист. Хонандаи бечора гиря мекунад, ҳайати бознигариро хоҳишу илтиҷо мекунад, ки чанд холи дигар ба ӯ диҳанд, вагарна муаллимаш ӯро сарзаниш мекунад. Дар навбати худ, муаллимаш низ (чун мебинад, ки даъвояш беасос аст) илтимос мекунад, ки ба шогирдаш 1 ё 2 холи дигар диҳанд, ки ӯ ҷой гирад, вагарна мудири шуъбаи маорифи шаҳр (ноҳия) ӯро ҷазо медиҳад.

Ниҳояти ин баҳсу кашмакашҳо ҳамин аст, ки ғолибони "иҷрои нақша" хушҳол, вале онҳое, ки "нақша"-ро иҷро накардаанд (соҳиби ҷой нашудаанд) – сархаму малул... Омӯзгорон ва гоҳо падару модари хонандагони ҷойнагирифта дархости бозбинӣ – истиноф (апеллятсия) намуда, то дер бо ҳакамон (аъзои комиссияи апеллятсионӣ) барои ба даст овардани 1 ё 2 холи дигар баҳсҳои оташин мекунанд. Чун баҳсу даъвоҳои беҳудаашон ба ҷое намерасанд, натиҷаи матлуб намебинанд, то ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон даъво мебаранд, ки шогирд ё фарзанди ман кори хаттӣ (иншо)-ро нағз навишта буд, аммо кормандони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори ӯ нодурусту ноодилона баҳо гузоштаанд. Ва ин баҳсу ҷанҷолҳо рӯзу ҳафтаҳои дигар дар Маркази миллии тестӣ идома меёбанд...

Зимнан бояд гуфт, ки аз соли 2015 ин ҷониб даври 4-уми олимпиадаи (ҷумҳуриявии) хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумиро Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад. Суолу масъалаҳоро низ барои ин даври олимпиада мутобиқ ба мундариҷаи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, барномаҳои таълимии равиявӣ (ки мураккабтаранд) ва берун аз он мутахассисони ин Марказ таҳия менамоянд.

То ки ин гуфтаҳои моро хонандаи азиз беасос ҳисобад, мехоҳем натиҷаи даври чоруми (ҷумҳуриявии) олимпиадаи хонандагонро аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар соли 2020-ум мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Мувофиқи банди 7.2.-и Низомномаи номбурда даври чоруми (ҷумҳуриявии) олимпиада барои хонандагони ҳамаи муассисаҳои таълимӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик аз рӯйи супоришҳои зерин гузаронида мешавад:

супориши якум – иншо;
супориши дуюм – тест (саволҳои пӯшида бо интихоби як ҷавоби дуруст) ва луғат.

Доир ба натиҷаи дастовардҳои иштирокдорони олимпиада аз тест ва луғат ҷойи дигар хоҳем гуфт, аммо ин ҷо мехоҳем дар бораи натиҷаи иншо (кори хаттӣ) андешаамонро баён намоем.

Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар соли 2020-ум 81 нафар хонандаи синфи 11-уми гимназия, литсей, мактабҳои президентӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар даври сеюми (минтақавии) олимпиада соҳиби ҷойҳои 1, 2 ва 3-юм гардидаанд, иштирок намуданд.

Барои навиштани иншо 6 мавзуъ пешниҳод шуда буд. Мувофиқи талабот хонанда бояд доир ба яке аз ин мавзуъҳо иншо нависад:

- «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ мояи ифтихор ва барангезандаи ғурури миллии мост.
- Худшиносӣ ва дӯстию ҳамдилӣ – ҷавҳари осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ.
- Публитсистикаи Садриддин Айнӣ ва худшиносии миллии тоҷикон.
- Шуҷоату мардонагӣ ва озодихоҳӣ дар романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода.
- Ба бекорию нодонӣ намонем...
- «Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст...»

Дар расми 1 нишон дода шудааст, ки аз ин 81 нафар иштирокдори олимпиада мавзуъҳои иншоро чӣ гуна интихоб кардаанд.




**Расми 1. Интихоби мавзуи иншо**

Санҷиши иншо ва баҳогузорӣ ба кори хонандагон дар асоси талаботи "Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ", ки Шӯрои миллии таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия намудааст (соли 2017), ба роҳ монда шуд. Ба мазмун ва мундариҷаи иншо аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо гузошта шуд:

– мувофиқати баён ба мавзуъ;
– шарҳи пурраи мавзуъ;
– далелнокии баён;
– дурустии маълумот (асолат ва ҳақиқат доштани маълумот/мавод; қалбакӣ набудан ё сиркат надоштанаш);
– мураттабии баён.

Аз лиҳози забонӣ меъёрҳои зерин ба назар гирифта шуданд:

– рангорангии луғат ва сохти грамматикии нутқ;
– яганагии услуб (сабк)-и баён.

Ба саводнокӣ аз рӯйи шумораи ғалатҳои имлоӣ, грамматикию услубӣ ва аломатҳои китобат баҳо дода шуд.

Натиҷаи тақсимоти иштирокдорон аз рӯйи баҳои иншояшон дар расми 2 нишон дода шудааст.




**Расми 2. Натиҷаи тақсимоти хонандагон аз рӯйи баҳо**

Чунонки дар расм дида мешавад, ягон нафар аз иншо баҳои 5/5 нагирифтааст. Дар ин маврид фақат 2,47 % (2 нафар)-и озмоишшудагон, ки баҳои 5/4 гирифтаанд, ба талаботи олимпиада нисбатан мутобиқанд. 1,23 %-и хонандагон (1 нафар) баҳои 5/3, 9,88 % (8 нафар) баҳои 4/4, 27,16 % (22 нафар) баҳои 4/3 ва дигарон баҳои қаноатбахш ва ё ғайриқаноатбахш гирифтаанд.

Вобаста ба натиҷаҳо ғалатҳои хонандагонро дар навиштани иншо асосан метавон аз рӯйи чанд масъала баршумурд.

**1. Номувофиқатии мазмуни иншо ба мавзуъ.** Аслан хонанда – хатмкунандаи синфи 11-ум – санҷишшавандаеро, ки ба ин талабу шарти иншо сарфаҳм намеравад, онро риоя намекунад, ба олимпиада, ба озмуне, ки ҳадафаш полоиш ва интихоб кардани беҳтарини беҳтаринҳост, роҳ додан ҷоиз

Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоиши мусаввирони асрҳои 16 ва 18-и Аврупои Ғарбӣ ҷараён дорад.

нест ва аз ҳадди адлу инсоф берун аст. Ба кори он иншонависе, ки ҳадафи мавзуъро дарк намекунад, мавзуъ аз Ироқ асту ӯ аз фироқ мегӯяд, чӣ гуна метавон баҳо гузошт? Чунин кор, чунин “иншо” набояд аслан арзёбӣ карда шавад, зеро агар ин талабу қоидаи иншо риоя нагардида бошад, навиштаи хонанда аҳаммиятеро соҳиб нахоҳад дошт ва ҳоҷати санҷишу ғалатгирии минбаъда низ нест. Масалан, хонандае дар мавзуи **“Шуҷоату мардонагӣ ва озодихоҳӣ дар романи “Восеъ”-и Сотим Улуғзода”** 8 саҳифа иншо навиштааст, ки аз он 5 саҳифааш ба тарҷумаи ҳол ва асарҳои Улуғзода дахл дорад. Се саҳифаи боқимонда дар бораи шӯриши Восеъ ва кушта шудани ӯст. Дигар ба мавзуъ ҳамагӣ 2 ҷумлаи бемантиқ оварда шудааст бас!

Ва ё иншои хонанда дар мавзуи **“Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ мояи ифтихор ва барангезандаи ғурури миллии мост”**, ки аз 3,5 саҳифа иборат аст, пурра дар бораи тарҷумаи ҳоли Фирдавсӣ, шумораи байтҳо, аз чанд қисм иборат будани “Шоҳнома” ва ба Султон Маҳмуд пешниҳод шудану напазируфтани он навишта шудааст. Хонанда ҳамчун далел як порчаи шеърро доир ба паракандагии лашкар ва тарғиби донишомӯзию хирадмандӣ овардааст.

Иншо дар мавзуи **“Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст”**, ки дар ҳаҷми 3,5 саҳифа навишта шудааст, умумигӯие дар бораи адибони тоҷик асту бас, на беш аз ин. Фақат бо як ҷумла қайд шудааст, ки Восеъ, Темурмалик, Спитамен, Шерак, Деваштич ифтихори мо ҳастанд.

Иншоҳои навиштаи хонандагон дар дигар мавзуъҳо низ ба ҳамин монанд аст. Як нафар “Намунаи адабиёти тоҷик”-ро асари публитсистии Садриддин Айнӣ номидааст.

Аҷиб ин аст, ки дар он баҳсу ҷанҷолҳо, ки зикраш рафт, хонандагон зуд иштибоҳашонро мефаҳманд: оре, аз мавзуъ дур рафтааст, мавзуъро пурра накушодааст, вале омӯзгорони онҳо ин масъаларо фаҳмидан намехоҳанд. Даъво мекунанд, ки ана, чанд саҳифа навиштааст-ку! Барои ҳамин қадар навиштааш ягон холи дигар диҳед!...

**2. Нодурустии аслу моҳияти маълумот ва далелҳои баён.** Бинобар ноогоҳӣ аз мавзуъ ва надонистани адабиёту таърих, хонандагон далелҳои нодуруст меоранд.

2) нодуруст ва ғалат овардани порчаҳои шеърӣ.

**3. Адабгуфтории ноҷо.** Гоҳо ба назар мерасад, ки чанде аз хонандагон (сабқаткунандагони олимпиада) мехоҳанд адабгуфторӣ кунанд, ҷумлаҳои зебо нависанд ва бо ин роҳ забондонияшонро нишон диҳанд. Вале, мутаассифона, бинобар кам будани захираи луғавияшон ва надонистани маънои вожаҳо ин кӯшишашон бенатиҷа мебароянд.

**4. Риоя нагардидани меъёрҳои забони адабӣ.** Чунонки гуфтем, бинобар костагию маҳдудии захираи луғавӣ, надонистани маънои аслию маҷозии калимаҳо ва ҷойи истифодаи онҳо хонандагон фикрашонро дуруст баён карда наметавонанд. Ҳангоми навиштани иншо меъёрҳои забони адабӣ риоя нагардидаанд. Дар бисёр мавридҳо тарзи баёни фикр нодуруст ва ҷумлаҳо бемаъною пурғалатанд.

Бештари иншоҳо бо чунин услуб ва бо ҳамин гуна ғалатҳои дағалу фоҳиш навишта шудаанд. Дар бораи ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобат чизе намегӯем, зеро дар баъзе иншоҳо шумораи ин гуна ғалатҳо то 30 ва аз он бештаранд.

Вақте ин гуна иншоҳо – “муъҷизакорӣ”-и хонандагонро медидем, ҳамон мақоли маъруфи “Хат – ғалат, имло – ғалат, иншо – ғалат, маъно – ғалат” ба ёдамон меомад. Аз худамон мепурсидем, ки чӣ гуна ин хонандагон то ба даври ҷоруми олимпиада (ҷумҳуриявӣ) омадаанд? Магар ҳаминхоянд, ки дар шаҳр ё вилояти худ аз беҳтаринҳо будаанд? (Мувофиқи банди 6.12.-и Низомномаи олимпиада дар даври ҷоруми олимпиада хонандагони синфҳои 11-уми гимназия, литсей, мактабҳои президентӣ (4 нафар) ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (4 нафар), ки ҷойҳои 1, 2 ва 3-юмро (1 ҷойи якум, 1 ҷойи дуюм, 2 ҷойи сеюм) ишғол кардаанд, иштирок менамоянд.). Магар ҳаминхоянд, *ки барномаҳои таълимиро пурра аз худ намудаанд ва берун аз барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ аз уҳдаи талаботи супоришҳои олимпиада мебароянд?* Магар ҳаминхоянд хонандагони боистеъдод, ки инкишофи зеҳнии онҳо ба самти фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ нигаронида шудааст? Магар ҳаминхоянд он хонандагоне, ки тафаккури илмӣ ва мантиқиашон ташаккул ёфтааст? Худро чаро бифиребем?

Мо ба ин саволҳо ҷавоб надорем. Шояд масъулони марказҳои вилояту дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ посухе дошта бошанд?

***Ҷамшед АЗИМОВ,***
***сардори раёсати таҳияи маводи имтиҳонии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***Абдулбосит ФАЗЛИДДИНЗОДА,***
***муҳаррир дар ҳамин муассиса***

АЗ ТАҶРИБА

# Кӣ ғолиби озмун мешавад?

***Дар шаҳри Исфара барои хонандагони болаёқат шароити хуб фароҳам оварда шудааст. Фаъолияти босамари 9 литсей, муассисаи таҳсилоти умумии ғайридавлатии «Академия Контакт Интернэшнл» ва "Мактаби зеҳнии Торуан", Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва таъсиси маркази таълимии Repetitor. tj дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара гувоҳи ин гуфтаҳоянд.***

Аз ҳамин сабаб, ғолибияти шогирдони мо дар озмунҳои фаннӣ ва қабул ба мактаби олӣ сол аз сол беҳтар мегардад. Шогирдони мо соли гузашта дар даври ҷоруми озмуни ҷумҳуриявии олимпиадаҳо ба гирифтани 101 ҷойи ифтихорӣ мушарраф гардиданд. Дар даври ҷоруми озмуни “Илм - фурӯғи маърифат” ғолиб омадани шогирдони литсейҳои №1 ва 5 Шодмон Эргашев ва Дамир Амонов ифтихори мост.

Таҷрибаи МҒД “Мактаби зеҳнии ТОРУАН-Маҳмудова” ва дигар муассисаҳои таълимии шаҳри Исфара нишон медиҳад, ки барномаҳои таълимии мо ҳамаи заминаҳоеро доранд, ки шогирдонро ба ҳадди кофӣ ба донишҳои зеҳнию маънавӣ мусаллаҳ созанд. Ғолибони озмунҳо аз тарафи маъмурият ва волидон бо тухфаҳои арзанда мукофотонида шуда, расми онҳо дар лавҳаи фахрӣ гузошта мешавад. Дар байни хонандагон озмун-шоу-и “Истеъдоди ман” маҳбубияти зиёд дорад, ки он дар арафаи соли нав гузаронида мешавад.

Мо дар фаъолияти худ дараҷаи қобилиятнокии хонандагонро бо ёрии тестҳои махсуси математикӣ ва психологӣ, суҳбат ва корҳои санҷишӣ муайян менамоем, ки дар ин раванд аз асарҳои математикон, академик Абдуҳамид Ҷӯраев, профессорон Мирзогафур Бобоеву Разиюлло Атохонов ва омӯзгорони зиндаёд Абдурасул Ҷӯраев, Абдуллохӯҷа Махсумов истифода мекунем. Дар дарс муаллим бояд хонандагони болаёқатро бо маводҳои иловагӣ таъмин намояду бо онҳо кори гурӯҳӣ ташкил намояд. Онҳоро ба машғулиятҳои факултативӣ ва маҳфилҳои фаннӣ ҷалб намуда, барои иштирок дар озмунҳо ва олимпиадаҳо роҳнамоӣ намояд. Иштирок дар озмуну олимпиадаҳо барои хонандагони боистеъдод аҳамияти калон дорад. Мехоҳам оид ба ташкил ва гузаронидани даври мактабии олимпиада аз фанни математика баъзе андешаҳои худро баён намоям. Интихоби масъалаҳо аз тарафи доварон барои олимпиада, яке аз шартҳои муҳими кори озмун ба ҳисоб меравад. Агар ҳамин шарт одилона ва холисона ба ҷо оварда нашавад, байни устодон ё байни шогирдон норозигӣ ва дилсардӣ ба вуҷуд овардаш мумкин аст. Машқҳое, ки барои гузаронидани олимпиадаҳо ба синфҳои параллелӣ пешниҳод карда мешавад, набояд аз доираи барномаи мактабӣ берун бошад. Ҳалли масъалаҳо аз хонандагон дониши пурра, зиракӣ, машқи зеҳнӣ, тасаввуроти фазоӣ ва ҳозирҷавобиро талаб мекунад. Таҷрибаи корӣ нишон медиҳад, ки барои озмун мисол ё масъалаҳоеро интихоб намудан лозим нест, ки ҳисобкуниҳои зиёдеро талаб мекарда бошад. Барои он ки иштирокчиёни озмун рӯҳафтода нашаванд, бояд як ё ду мисолу масъалаеро интихоб кард, ки ҳалли он қариб ба ҳамаи хонандагон дастрас бошад. Ин гуна мисолҳо дар аввали шарти озмун бояд пешниҳод гардад. Ғайр аз ин, дигар машқҳоеро интихоб намудан зарур аст, ки он аз хонандагон дониши амиқ ва тафаккури мустақилонаро талаб намояд. Ҳангоми баҳогузорӣ ба иҷрои корҳо, ҳайати доварон бояд ба роҳҳои ратсионалии ҳалли масъалаҳо ва эҷодкории хонандагон эътибори ҷиддӣ диҳанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки барои тайёр кардани ғолибони олимпиадаҳо омӯзгор меҳнати зиёд намуда, қувваю ғайрати худро бояд дареғ надорад. Пеш аз ҳама, ӯ фанни худро бояд дӯст дорад ва ба кори таълиму тарбия шавқу завқ ва меҳр дошта бошад. Дар ҳар синф хонандагоне ҳастанд, ки ба фанни математика бештар ҳавас доранд. Агар хонанда бо китоб кор карданро ёд гираду омӯзгор ӯро бо адабиёти иловагӣ таъмин карда, ба рафти донишомӯзии ӯ оқилона роҳбарӣ намояд, натиҷаҳои хуб ба даст оварданаш мумкин аст. Хуб мешуд, ки ин корро омӯзгор аз хонандагони синфҳои 5-6 оғоз менамуд ва шогирдони ӯ аллакай дар синфҳои 8-9 метавонистанд муваффақият ба даст оваранд. Хушбахтона, дар китобҳои нави математика мисолу масъалаҳои зиёде барои хонандагони болаёқат ҷой дода шудааст, ки мо онро дар дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳо васеъ истифода мебарем.

Агар, пеш аз оғози олимпиадаҳо, намоиши корҳои эҷодии хонандагон оид ба фанни математика ба монанди: моделҳо, шаклҳои геометрӣ, асбобҳои аёнӣ, гузоришу рефератҳо ва корҳои лоиҳавӣ доир ба ин ё он мавзуъ гузаронида шуда, ғолибон мукофотонида шаванд, шавқу ҳаваси хонандагон ба ин фан зиёд мешавад.

***Бобохон ҚАЮМОВ,***
***омӯзгори МҒД “Мактаби зеҳнии ТОРУАН - МАҲМУДОВА“-и шаҳри Исфара***

БОНГИ ИЗТИРОБ

# Теъдоди нокифояи китобҳои дарсӣ

***Таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо китобҳои дарсӣ яке аз омилҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот маҳсуб меёбад.***

Аз таҳлилу мушоҳидаҳо бармеояд, ки китобҳои дарсии тозанашр сари вақт ба муассисаҳои таълимӣ дастрас карда намешаванд.

Чи тавре ки мушовири шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Левакант оид ба кори китобхона ва китобҳои дарсӣ Сафар Курбонов дар суҳбат иброз дошт, ҳамаи 15 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 2 литсейи давлатӣ ҳанӯз ҳам ба китобҳои дарсии тозанашри иҷоравӣ эҳтиёҷ доранд.

Соли 2021 ба шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр аз тарафи Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархости муассисаҳои таълимии шаҳр 23781 адад китоби дарсӣ бо маблағи 258 ҳазору 326 сомонӣ ворид гардид. Илова бар ин, боз 899 дона маводи таълимии роҳнамои омӯзгор аз фанҳои забони англисӣ ва таърихи умумӣ бо маблағи 17877, 09 сомонӣ ба шуъбаи маорифи шаҳр ирсол карда шуд.

Муҳлати истифодаи китобҳои дарсии пештар ирсолшуда 5 сол мебошад. Дар ин муддат бояд нашри такрории китобҳои дарсии иҷоравии нав сурат гирад. Мутаассифона, ҳоло дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр китобҳои дарсии “Таърихи халқи тоҷик” (синфи 6), “Таърихи халқи тоҷик ” ва “Таърихи умумӣ” (барои синфи 8), Физика (синфи8), “Алифбо ва матни ниёгон” (синфи 7), Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (синфи 8), “Ҳуқуқи инсон” (синфи 11), ”Адабиёти тоҷик” (синфи 9), химия (синфи 9), биология (синфи 9) намерасад.




То имрӯз муассисаҳои таълимии шаҳри Левакант ба суратҳисоби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 370 ҳазору 135 сомонӣ маблағ гузаронидаанд, ки ин аз маблағи иҷораи соли гузашта қариб 3800 сомонӣ зиёд мебошад, гуфт дар поёни суҳбат Сафар Курбонов.

***Аъзам БОБОЕВ,***
***рӯзноманигор***

БА ОЗМУНИ «ҲОМИИ ВАТАН БУДАН ШАРАФ АСТ»

# Иқболу ифтихори сарбози марзбон

*Яке аз омилҳои асосии ифодакунандаи истиқлолияти миллӣ, ҳифзи марзҳои Ватан аз ҷониби сарҳадбонони тоҷик аст. Ҳар кишвари соҳибихтиёр нахуст соҳиби марзу бум аст, ки шаҳодати томамияти арзии он маҳсуб меёбад.*

Агар ба гузаштаи таърихӣ рӯ оварем, дар як муддати кӯтоҳ ташаккул ва неру ёфтани Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон рӯзи муродро наздик сохт. Кишвари соҳибистиқлол муҳофизати марзҳои давлатиашро ба дасти фарзандони худ супурд. Калиди рамзии мармарини сарҳадоти муштараки мо бо Чину Афғонистон дар ихтиёри афсарону сарбозони марзбони тоҷик қарор гирифт.

Ташаббус ва иродатмандии комили Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси дар як марҳилаи кӯтоҳ соҳиб заминаи ташкилӣ ва омодагии ҳарбӣ гирифтани қӯшунҳои сарҳадии кишвар гардид. Ҳанӯз дар огози солҳои 90-ум равшан буд, ки ҳифзи марзу буми ватани худ аз ҷониби фарзандони Тоҷикистон зарурати таърихист. Ин гардиши куллии таърихӣ – ҳимояи сарҳади мамлакати худ аз тарафи марзбонони тоҷик як ҷузъи муҳими пурраркунандаи эътибори сиёсии Тоҷикистон ва шинохти он ба ҳайси субъекти арзанда ва комилҳуқуқи саҳнаи робитаҳои байналхалқӣ гардид. Ҷомеаи Тоҷикистон бояд ин дигаргунӣ ва масъулияти нави таърихиро дар назди ормонҳои ҷовидонии ҳифзи Ватан ва пойдории истиқлолияти давлатӣ ҳамчун рухдоди муҳим ва ҳақиқати нодир қабул кунад.

Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон ба дарки сиёсӣ ва омодагии низомии марзбонони тоҷик барои муҳофизати марзу буми Ватан эътимоди комил дорад. Шаклгирии нави геополитикӣ ва таҳдиди хатарҳои глобалии замон матонати хидматӣ ва ҷасорату шуҷоати сарҳадбононро талаб менамояд.

Роҳбарияти олии кишвар аз дидгоҳи махсус ба масъалаҳои фаъолияти ҳамарӯзаи марзбонон менигарад ва дар ин самт иқдомҳои азими Ҳукуматро метавон интизорӣ дошт.

Дар як рӯз сарҳадчӣ шудан ғайриимкон аст. Сабру таҳаммул лозим меояд. Ҳиссиёти баланди ватанхоҳиву ватандӯстӣ зарурат дорад. Агар Ватанро дӯст надорӣ, ба қадри муқаддасоти он нарасӣ, дар шароити вазнин наметавон масъулияти ҳифзи сарҳади давлатиро ба зимма гирифт. Сарҳадбон дар хатти аввал қарор дорад ва нахустин шуда зарбаи душманро қабул мекунад.

Ватандӯст фардест, ки барои Ватани худ ҳатто ҷони худро дареғ намедорад. Сарбози марзбон бояд хушёру далер буда, ҳама сахтиву машаққатҳоро пурсаброна ва мардонавор паси сар намояд.

Ҳамасола ҳангоми мавсими даъват таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона карда мешавад, ки қӯшунҳои сарҳадӣ дар навбати аввал бо сарбозони хушёру обутобдида пурра карда шаванд.



Чунки сарбози сарҳадбон дар хати аввали муҳофизати марзи давлатӣ, дар дарвозаи Ватан меистад. Аз ин хотир, бисёр муҳим аст, ки ӯ чеҳраи зебои миллӣ, қомати баланд, либоси озода ва муносибати лоиқ дошта бошад.

Пайванди миёни ҷомеа ва артиш бешубҳа танҳо ба манфиати боло рафтани эътибори хизмати ҳарбӣ ва таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар хоҳад буд. Бо назардошти ин нукта, дар қисмҳои ҳарбии сарҳадӣ ба масъалаи дидорбинии падару модарон аз ҳаёти аскарии фарзандони худ масъулона муносибат намуда, шароити лозимаро ба ин мақсад фароҳам сохтаанд. Ҷавонони синни тодаъватии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии маҳалҳои аҳолинишини наздик ба қисмҳои ҳарбии сарҳадӣ ҳамроҳ бо муаллимони фанни омодагии дифои ҳарбии худ омада, бо ҳаёти аскарӣ ва шароитҳои будубош ошно мегарданд.

Зеро таълими дурусти фанни омодагии дифои ҳарбӣ дар мактабҳои миёнаи умумӣ таҳкурсии асосии ба артиш ҷалб гардидани сарбозони обутобёфта ва озмудашуда мебошад.

Дуруст ва дар сатҳи зарурӣ таълим додани фанни омодагии дифои ҳарбӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва тақвият бахшидани ҷараёни тарбияи тодаъватии ҷавонон, заминасози асосии риояи интизоми ҳарбӣ дар ҳамаи қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Мустаҳкам намудани иқтидору тавоноии қӯшунҳои сарҳадӣ ба дараҷаи малакаи касбӣ, донишҳои ихтисосӣ ва маърифати ватандориву худшиносии миллӣ ва шуурнокии сиёсиву ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбии ҳомии марзҳои Ватан иртиботи ногусастанӣ дорад. Аз ин ҷост, ки ҳангоми амалисозии ҷораандешиҳои тарбиявӣ, ташаккули ҷаҳонбинии пурвусъати афсарон, дар вуҷуди он тақвият додани эҳсоси посдории арзишҳои фарҳангиву маънавии ниёгон ҳамеша дар авлавияти кор қарор дорад. Зеро дар баробари обутоби ҷисмонӣ ва сатҳи баланди омодагии ҷангӣ бо неъмати хирад, дониш, фарҳанг ва маърифат ғановат бахшидани зеҳну замири афсару сарбози сарҳадбон рукни бунёдии устувории рӯҳу равон ва садоқату посдории муқаддасоти милливу давлатӣ пазируфта шудааст.

Афзудани сафи ихтиёриён барои шомил шудан ба Артиши миллӣ нишони он аст, ки ҷавонони Тоҷикистон ҳамчун озодагони асил бо эҳсоси саршори мардонагӣ ва ватанхоҳӣ барои адои қарзи фарзандии худ дар назди Ватан ва қарзи шаҳрвандии хеш дар назди давлат барои хизмати ҳарбӣ изҳори омодагӣ намуда, намунаи беҳтарини ватандӯсторӣ ва нангу номусдории миллиро ба намоиш мегузоранд.

***Абдурақиб ҚОДИРОВ,***
***рӯзноманигор***

ФАЪОЛИЯТ

# Машғулиятҳои амалӣ муассиранд

Дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол ба сол сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар мегардад. Натиҷаи дастгириҳои Сарвари давлат аст, ки ҳамасола тариқи квотаи Президентӣ хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба макотиби олии кишвар дохил шуда, барои кор ба зодгоҳашон фиристода мешаванд, то норасоии мутахассисон дар маҳал ҳалли худро ёбад. Аз ҷумла, дар ноҳияи мо тариқи квотаи Президентӣ дохил шудани духтарон имкон фароҳам овард,ки сафи маълумотдорон ва мутахассисон аз шумори духтарони маҳаллӣ хеле зиёд гардад.



Афрӯза Матулова аз шумори чунин духтарони хушбахт мебошад, ки тавассути квотаи Президентӣ ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохил шуда, онро соли 2007 ҳамчун омӯзгори фанҳои химия ва биология хатм намудааст.

- Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки хонандагон дар машғулиятҳои амалӣ мавзуъҳоро хеле хуб аз худ менамоянд,- мегӯяд омӯзгори соҳибтаҷрибаи фанҳои химия ва биологияи Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Нуробод Афрӯза Матулова.

***Мавҷуд САТТОР,***
***ноҳияи Нуробод***

КӮДАКИСТОН

# Афсона – тарбиятгари кӯдакон

Афсона яке аз жанрҳои маъмул ва дастраси адабиёти бадеии бачагона мебошад. Дар раванди шунидан, эҷод ва муҳокима кардани афсонаҳо кӯдак тахайюлот ва қобилияти эҷодии худро инкишоф медиҳад. Дар рафти шунидан ва дарки афсонаҳо кӯдакон ҳикматҳои мардумӣ, некию бадӣ, ҳамдардӣ ва муоширатро меомӯзанд. Кӯдакон афсонаро чунон дӯст медоранд, ки борҳо хоҳиш мекунанд, ки як афсонаро ба онҳо нақл кунанд.



Мақоми афсонаҳо, махсусан, дар тарбияи ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ басо бузург аст. Симои маънавии кӯдак, пеш аз ҳама, дар рафти фаъолияти ҳархела: таълим, меҳнат, бозӣ, дар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ва дар раванди муошират бо одамони гирду атроф ташаккул меёбад. Илова бар ин, таълими афсона кӯдаконро ба донишманду хушахлоқ шудан талқин менамояд. Инчунин, хонандагони хурдсол дар рафти шунидан ва хондани афсонаҳо меъёрҳои ахлоқиро аз худ менамоянд.

Бинобар ин, ин паҳлӯҳоро ба инобат гирифта, мураббия бояд дар рафти машғулият ҳатман афсонаеро ҳамроҳи тамоми гурӯҳ хонда, амали қаҳрамонҳои ҳам манфӣ ва ҳам мусбати онро таҳлил намояд. Ҳангоми чунин баҳсҳо кӯдакон ба рафтори қаҳрамонони манфӣ эрод гирифта, онҳоро рафиқони бад меноманд.

Дар натиҷаи хондани китобҳои бадеӣ, аз ҷумла, китобчаҳои афсона шавқу ҳавси кӯдакон нисбат ба ҳунаромӯзӣ низ зиёд мегардад, ҳамчунин, ба ин восита мустақилона мутолиа намудани китобҳоро ёд мегиранд.

Вақте дар кӯдакистон мураббия ба тарбиятгирандагон афсона нақл карданӣ мешавад, вай бояд аввал бо кӯдакон суҳбати муқаддимавӣ гузаронда, дар бораи мавзуи афсона каме маълумот диҳад.

Афсонаро бояд оромона ва бо эҳсосот мутолиа кард. Пас аз хондани як порчаи афсона ба бачаҳо, маънои калимаву ибораҳои нофаҳморо фаҳмондан, расмҳоро бодиққат аз назар гузаронидан, персонажҳои афсонаро номбар карда, хислатҳои қаҳрамононро муҳокима намудан лозим аст.

Баъд аз ба анҷом расидани афсона мувофиқи пайдарпайии сюжети он ба кӯдакон савол додан даркор. Дар рафти ҷавоб додан ба саволҳо кӯдак доир ба матни гӯшкардааш тасаввуроти бештар мегирад ва ҳамзамон, дар вай қобилияти ифроз намудани фикр пайдо мешавад, нутқаш бурро ва захираи луғавиаш бештар мегардад.

***Сокина БОБОЕВА,***
***мураббияи кӯдакистони №133,***
***ноҳияи Сино***

Дар вилояти Суғд озмуни вилоятии «Оила, кӯча, маҳалла, деҳа, деҳот ва шаҳраки беҳтарин» ҷамъбаст гардид.

АФКОР

***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ (21. 12. 2021) вобаста ба соҳаи маориф иброз доштанд: «Мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат, аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ваояндаи ободии давлат ва Ватан мебошад».***

# Муносибати босалоҳият ва тарбияи омӯзгорони ҷавон

Аҳли маорифи кишвар, аз як тараф, фахр намоянд, ки онҳо бунёдгузорони миллатанд, аз тарафи дигар, масъулияти баланд ҳис карда, салоҳиятҳоеро бар дӯш бардоранд, ки дар миллатсозӣ парчаманд, сазовори замонанд.

Ва аммо замони муосир дархост менамояд, ки чи муаллимону устодон ва чи хонандагону донишҷӯён бояд соҳибсалоҳият бошанд.

Пас салоҳияти муаллим дар чиҳо ифода меёбад? Дар:

- дониши касбӣ ва ҷаҳонбинӣ (айни замон доираи назари васеъ ва фарогир);
- донишҳои педагогӣ, психологӣ ва усули тадрис;
- технологияи таълими фан (тарзу воситаҳо, ҳаракатҳои муаллим…);
- сифатҳои касбӣ ва фарҳанги омӯзгорӣ;
- маънавиёти волои инсонӣ.

Аз ин талабот се дархости умда (асосӣ) бармеояд, ки аз донишҷӯи муқаррарӣ муаллими босалоҳият, омӯзгори сазовор, бунёдгузори миллат месозад: а) дониши касбӣ, доираи назар; б) омӯхтани психология, педагогика ва технологияи таълим; в) сифатҳои шахсӣ ва маънавиёти инсонӣ.

Дониши касбӣ унсури асосии салоҳияти муаллимро ташкил медиҳад. Беҳуда ниёкони боору номус ва хирадмандони мо борҳо таъкид накардаанд:

*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В –аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*

***

*Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,*
*Ба дониш дили пир барно бувад.*

Биёед, азизон, ба ҷойи «ҳар кӣ» муаллимро гузорем. Ҳамон муаллиме тавоност, ки доност. Доно дар кадом самт? Самти касби худ, фаъолияти худ. Барои ҳамин донишҳои касбӣ мегӯем. Дигар ин ки, ҳамин «тавону тавонистан» як паҳлуи холигии салоҳиятро пурра намуда, ба маҳорат мепайвандад. Ғалат намешавад, агар гӯем: «Маҳорат дар паҳлуи салоҳият қарор мегирад. «Ба ибораи дигар, донишу маҳорат бо ҳам омада ду паҳлуи асосии салоҳияти муаллимро ташкил медиҳанд. Паҳлуҳои дигари салоҳияти муаллим марбут ба донистани асосҳои умумии педагогика, психология, методҳо ва технологияи таълим мебошад.

Вале, бо вуҷуди ҳамаи ин, салоҳияти омӯзгор, ки шарафу обрӯи ӯст, ҳанӯз мукаммал нагардидааст. Муаллим инсони хокист. Барои ин гуна инсон сифатҳои одамӣ ва маънавиёти шахсӣ хос аст. Муаллим ё устод танҳо дарсдиҳандаи соатбайъ нест. Ӯ, пеш аз ҳама, мураббӣ, падар ё модари шогирдон, маслиҳатгари хонавода, муаллими халқ аст. Бинобар он, муаллим дар фаъолияти ҳаррӯза ва ҳарсоатаи худ мекӯшад, ки аз маҷмуи донишҳо, қобилиятҳо, кордониҳо, муомилаю муносибатҳо, тавону тавонистанҳо, лоиқу шоистагиҳо ва ғайра истифода барад. Ҳамаи ин сифатҳо, ки хоси муаллимони босалоҳиятанд, моро водор менамоянд, ки ба салоҳиятмандии омӯзгор равшанӣ андозем. Салоҳиятмандии муаллим ҷабидаи дониш, маҳорату малака, таҷрибаи амалӣ, технологияи педагогӣ, маънавиёт ва фарҳанги ӯст, ки дар мустақилият, иҷтимоӣ – коммуникативӣ, ахбор, тафаккури эҷодӣ, интиқодӣ ва таҳқиқотӣ, эҳсос, арҷгузорӣ ифода меёбад. Ин таъриф моро водор менамояд, ки ду хулосаи зерин барорем: салоҳиятро ба муаллим пас аз хатми коллеҷ ё донишгоҳи омӯзгорӣ сазовор медонанд. Вале салоҳиятмандӣ ё муносибати босалоҳиятро худаш ба каф меорад, ки бе заҳмату саъю кӯшиш муяссар намегардад.

Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём роҳбарони муассисаҳои таълимиро огоҳ сохтанд, ки «…ба масъалаи тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳанд». Ин масъала паҳлу ва самтҳои гуногун дорад, ки мо перомуни яке аз онҳо мулоҳизаҳоямонро иброз медорем. Ин самти таҷрибаомӯзӣ ё таҷрибаи педагогӣ мебошад, ки дар тарбияи омӯзгорони ҷавони оянда нақши муҳим мебозад.

Таҷрибаомӯзӣ, ки бештар аз 90 сол боз дар ҳамин тарз сурат мегирад, ҷавобгӯи рӯз нест. Барои беҳтар шудани сифати он Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки чанд мактаби шаҳр ва аз рӯи имконият 1 – 2 мактаби ноҳияҳои наздикро на аз ҷиҳати пояи (базаи) моддӣ – техникӣ ва кадрӣ, балки аз ҷиҳати педагогӣ, илмию методӣ таҳти роҳбарӣ ва назорати коллеҷ ё донишгоҳ гузорад, ки тахминан мо онҳоро «мактабҳои наздидонишгоҳӣ» меномем. Роҳбар ё директори мактаб узви шӯрои олимони донишгоҳ, муаллимони фанҳои алоҳида, ки таҷрибаи педагогӣ дар синфи онҳо мегузарад, узви шӯрои олимони факулта ё кафедраи методикаи таълим мегарданд. Онҳо соле 2 – 3 бор дар ҷамъомадҳои илмӣ – методӣ, маҷлиси шӯрои олимон, ки ба масъалаи таҷрибаомӯзӣ бахшида мешавад, иштирок мекунанд, фикру мулоҳизаҳояшонро оид ба дониши илмию ҷаҳонбинии донишҷӯён баён менамоянд. Дар ин маврид на алоқаи ё робитаи донишгоҳ ба мактаб, ки дар рӯи коғаз аст ба амал меояд, балки ҳамгироӣ ё ҳамкории мактабу донишгоҳ сурат мегирад. Мактабҳои назди донишгоҳ зинаи поёнии донишгоҳ ҳисоб мешаванд. Донишҷӯ, ки оянда муаллим хоҳад шуд, баробари устодони донишгоҳ устоди мактабӣ дорад, омаду рафти донишҷӯён низ осон мешавад: касе, чизе халал намерасонад. Донишҷӯ имконият пайдо мекунад, рӯзҳо, моҳҳо назди устоди мактабиаш равад, дарсҳои ӯро мушоҳида намояд, дар кори дипломӣ ё курсӣ истифода барад, мақолае дар ҳафтаномаи донишгоҳ ба нашр расонад.



Мактабҳои наздидонишгоҳӣ таҷрибаи судбахшест, ки солҳо боз дар донишгоҳҳои омӯзгории кишварҳои пешрафтаи Аврупо, Осиё ва Амрико истифода мешавад. Корбасти ин гуна таҷриба дар коллеҷу донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва дигар донишкадаю донишгоҳҳо, ки тарбияи муаллимониояндаро ба уҳда доранд, танҳо ба манфиати кор аст.

***Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА,***
***академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон***

ПАҲНОИ МАОРИФ

# Мактаби замони муосир ва идораи он

Мактаби муосирро, ки муаммоҳои зиёд дорад, касе идора карда метавонад, ки андешаи миллӣ, дили гарм, нияти соф ва дасти пок дошта бошад.

Моҳият ва мазмуни ҳар гуна мактабро (мактаби умумии муқаррарӣ, литсей, гимназияи давлатӣ, ғайридавлатӣ) на шиорҳо, балки фаъолияти самарабахши ҳайати омӯзгорону хонандагон ташкил медиҳад, ки ин ҷо директори мактаб дар сафи аввал қарор дорад.

Мактаби муосир чун ба макони воқеии тарбияи насли наврас ва аз ҳама муҳимаш, ба манбаи инкишофу тараққиёт табдил гардад, он гоҳ самара медиҳад.

1. Вазифаи асосии таълим дар мактаб омӯзонидани дониш ва тариқи татбиқи дониш дар амал аст.

2. Усул ва тарзҳои таълим дар сурате арзиш доранд, ки агар майли хонандагонро нисбат ба фаҳмидан, ҷустуҷӯ ва таҳқиқ кардан бедор намуда, шавқи таҳсилро барангезанд, фаъолияти эҷодӣ ва мустақилии хонандагонро фаъол намуда, муносибати онҳоро дар хусуси ҳаёти воқеӣ муайян созанд.

3. Мактаб вазифадор аст, нисбат ба донишҳои иловагӣ ба шогирдон, ки дар пешрафти онҳо нақши муайян мебозанд, мадад расонад. Азбаски имрӯз дар мактаб самти ахбор бартарӣ дорад, вазни асосӣ ба дӯши хотир аст. Мо хотири талабаҳоро аксаран аз қонуну қоида, таърифот ва далелу рақамҳои шахшуда пур мекунему татбиқи амалии онҳоро намеандешем. Ҳол он ки каллаи талабаҳоро на чун хум пур бояд кард, балки чун шамъ бояд афрӯхт.

Дониш дар ин сурат на лахчаи хомӯши хокистаргардида, балки шуълазадаро мемонад, ки ҳам гармӣ дорад ва ҳам рӯшноӣ. Ин гуна дониш фикрро такон дода, тафаккурро ба тафаккури танқидию, гуногунандеш табдил медиҳад.

Дар замони муосир инкишоф ва тарбияи хонандагон, фаъолияти маърифатҷӯӣ ва эҷодии онҳо зимни ҷараёни таълим ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳим ба назар гирифта мешавад.

Ин вазифа боиси он мегардад, ки қонуниятҳои тафаккури талабаҳо, дар робита ба психологияи умумӣ омӯхта шуда, тафаккури мантиқӣ, танқидӣ ва миллӣ рушд ёбад. Хонандагон бояд на танҳо фикр карданро омӯзанд, инчунин, фикри худро асоснок намоянд ва ба қарори муайян оянд.

1. Дар муассисаи таълимӣ танҳо дониш додан ба хонандагон ба дарди касе даво намешавад. Бинобар ин, дониш ҳамеша дар паҳлуи маҳорат ва малака қарор дорад ва ҷараёни таълимро бо ҳамгироӣ ва робитаи устувори ин се мафҳум – дониш, маҳорат ва малака тасаввур карда метавонад.

2. Дар раванди таълим имкониятҳои хонандагон бояд ба назар гирифта шаванд. Таълим бояд муқаррарӣ нею мутараққӣ бошад, то зеҳну шуури хонандагонро такон диҳад.

3. Донишандӯзӣ инкишоф ва ба назар гирифтани имкониятҳои фардии хонандагон бе ҳамкории педагогӣ муяссар намешавад.

4. Вазифаи мактаби муосир инкишоф додани кӯдак мебошад. Кӯдак 11 соли ҳаёти беҳтарини хешро дар мактаб мегузаронад, ки ин раванд ба ҳаёти ӯ бе таъсир намемонад. Инсон ба мактаб ҳамчун кӯдак ворид гардида, тадриҷан ба одами болиғ табдил меёбад. Омӯзгорон ва мактаб ба хонанда бояд эҳтиёткорона муносибат кунанд, зеро ҳар кӯдак шахсият аст, ҳар як кӯдак арзиш дорад.

Омӯзгор бояд рӯҳияи хонандагонро баланд бардошта, рафтори онҳоро ба низом дарорад ва худ мояи такмил ва намунаи ибрат бошад.

5. Суръатнокии ҷараёни таълим. Равоншиносон исбот намуданд, ки ҳар қадар ҷараёни таълим суст, оҳиста давом ёбад, ҳамон қадар ба пешрафт ва инкишофи фикри талабаҳо таъсири манфӣ мерасонад. Бачаҳо пас аз иҷрои ин ё он супориш интизори супориши дигаранд, вале он ба амал намеояд. Ва ҳамин тавр, байни тарзҳои кор чанд бор лаҳзаҳои таваққуф рӯй медиҳад, ки аз як тараф зоеъи вақт аст, аз тарафи дигар, зарари донишандӯзӣ ва пешрафти талаботҳост. Беш аз ин суръати заифи равиши таълим барои омӯхтан ва иҷрои барномаҳои таълим, ки рукни асосии стандартии давлатии маълумот маҳсуб мешаванд, халал мерасонад. Талабаҳо дар ҳар дарс ба ҷои он ки 10-12 машқу супориши гуногунро анҷом диҳанд, 2-3 машқ мегузаронанд, ба ҷойи он ки бештар нависанду масъала ҳал намоянд, ба навиштани чанд калимаю ҷумла ва ҳалли мисолу масъала маҳдуд мешаванд. Ба тарзи дигар гӯем, имконият ҳаст, вале аз он истифода намебарем.

Мо ба суръатнокии равиши таълим на аз рӯи суръати тези он баҳо медиҳем, балки аз он ҷиҳат назар мекунем, ки дар рафти таълим дар ҳар дарс талабаҳо чӣ қадар ба корҳои муфид машғул мешаванд, то чӣ андоза меҷӯянд, меандешанд, нисбат ба худ баҳо медиҳанд.

6. Тадриҷан мушкилшавии вазифаи таълимӣ. Ин, албатта, аз пешниҳоди таълими мутараққӣ сар намезанад, балки он мантиқи таълим аст. Таълим дар ҳар сурат бояд зина ба зина, синф ба синф мушкил шудан гирад дар акси ҳол ҳамаи мо, чи муаллим ва чи талабаҳо, дар як ҷо по зада меистем.

Амалишавии ин ҳама талабот маҳз ба таълими салоҳиятнокӣ нигаронида шудааст. «Салоҳият»-ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи азхуд кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад.

Барои идоракунии самараноки мактаби муосир, аз ҳама муҳимаш, ташкили дурусти назорати дохилимактабӣ мебошад.

Барои ҳар як директори мактаб зарур аст, ки тамоюлҳои рушду инкишоф, раванди таълиму тарбияи мактабро сари вақт дарк намуда, тамоми фаъолияти мактабро мунтазам омӯхта, иттилои дуруст ва амиқро дарёфта, таҳлил намояд ва аз он хулосаи зарурӣ бароварад. Аз ин рӯ, низомнокии идора ва системаи назорати дохилимактабӣ ниҳоят зарур аст. Назорати ҷараёни таълиму тарбия муайян кардани мақсад, мазмун, намуд ва воситаҳои санҷишро дар бар мегирад. Баъди гузаронидани ин ё он чорабинӣ зуд натиҷаашро таҳлил кардан ба мақсад мувофиқ аст, то ки хато такрор наёбад.

Дар такмил ва самаранокии таълим, баланд бардоштани сифати дониш, малака ва рушди қобилияти эҷодии инфиродии хонандагон назорат ба ҷараёни таълиму тарбия мавқеи умдатаринро мебозад. Назорати системанок, аз ҳар ҷиҳат пурра ва сари вақт омодашуда ба омӯзгор, ба роҳбари мактаб имконият медиҳад, ки муваффақиятҳои мавҷударо боз ҳам мустаҳкам намуда, камбудиҳои кори худро эҳсос карда, ислоҳ намояд. Назорат барои роҳбари мактаб манбаи асосии иттилоот ва оядабинӣ мебошад.

Назорат бояд ангезандаи баланд бардоштани самаранокии кор ва дониши хонандагон бошад.

Салоҳият натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст.

Бинобар ин дар мактаби муосир маҳз талаботи натиҷаи ниҳоии фаъолияти омӯзгор, дониш, маҳорат ва малакаи хонанда ва дар амал татбиқ кардани он донишҳо зарур аст.

***Азизбек БОРОНОВ,***
***директори МТМУ №8-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ***

**Сомонаи Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» фаъол гардид.**

ИСЛОҲОТ

# Таҳсилоти фарогир - талаби замони муосир

***Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) ҳарчанд барои кишварҳои ҷаҳон низоми нав нест, аммо дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи беш аз даҳсолаи қабул ва корбурд дорад. Фарқи асосии он аз низоми муқаррарии таълим ҳамин аст, ки бинобар зарурати муайян мураббӣ, омӯзгор, таълимдиҳандаро ба истифодаи методологияи барои ҳамаи гурӯҳи кӯдакон таъсирбахш ё ба ибораи дигар, беҳтар аз пештар водор мекунад. Муқаррарот оид ба таҳсилоти фарогир ба Конвенсияи СММ "Дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон" 13-уми декабри соли 2006 ва то кунун аз ҷониби зиёда аз 100 кишвари дунё расман эътироф шудааст. Таҳсилоти фарогир, дар умум, аз доғгузорӣ ва табъизи кӯдакони дорои маъюбият пешгирӣ карда, аъзои баробарҳуқуқи ҷамъият будани онҳоро таъмин месозад. Дар ин радиф муаллимон ва падару модарон имкон пайдо мекунанд, ки дар ҷараёни таълими инфиродии кӯдакони қобилиятташон гуногун ба таври фаъол ширкат варзанд.***

**Фаҳмиши дурусти инклюзия**

Ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ирина Каримова мегӯяд, инклюзия фақат таҳсил барои кӯдакони дорои маъюбият нест.

-Дар ҳадафи чоруми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид то 2030 дар мавриди таҳсилоти фарогири босифат гуфта шудааст, ки он барои ҳама аст. Ҳадафи зикршуда моро вазифадор мекунад, ки дар ҷамъият муҳити инклюзивӣ фароҳам оварем, то ҳамаи кӯдакон ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Бо ин мақсад Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 тахия ва қабул шуда буд. Баъдан ин ҳуҷҷат бахри татбиқ дар марҳилаи дуюми амал боз барои солҳои минбаъда тасвиб шуд. Дастандаркорон бо ин ҳама тадбирандешӣ чӣ мақсад доранд? Муҳайё кардани фазои мусоиди таълим ва рушд барои кулли кӯдакон, - афзуд И. Каримова.

**Тарзҳои фарогирӣ**

Дар ин росто Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дар тасвиби дувум барои солҳои 2016-2020 бахри ҷалби кӯдакон ба таълим заминаи мусоид фароҳам овард. Ба қавли мутахассиси раёсати маорифи вилояти Хатлон Гулрухсор Авгонова, дар ду муддати амали ин ҳуҷҷат, яъне, дар тӯли 10 сол он кӯдаконе, ки имконияти ба муассисаҳои таълимӣ рафтан доранд, ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

-Атфоле, ки ба муассисаҳои таълимӣ рафта наметавонанд, ба машваратгоҳи педагогӣ-психологӣ роҳнамоӣ шуда, дар асоси хулосаи он тибқи усули "таълим дар хона" фаро гирифта шуданд. Вазифаи ин машваратгоҳ муайянсозии андозаи имконияти кӯдак барои азхуд кардани доираи машғулиятҳои ба ӯ тавсияшаванда аст. Дар хона он гурӯҳи кӯдаконе, ки осеби ҷисмонию равонияшон зиёдтар асту ҳам фалаҷи сутунмуҳра ва дасту пой доранд, таҳсил мегиранд. Дилхоҳ муассисае, ки ба хонаи ин гуна кӯдак наздик аст, дар асоси аризаи падару модари ӯ омӯзгор ҷудо мекунад. Омӯзгор дар як ҳафта ду ё чор соат дарс медиҳад, ки инро ҳам машваратгоҳ муайян мекунад", - мегӯяд Г. Авгонова.

-Кӯдакон ва волидони онҳо чанд роҳи интихоб доранд, - иброз дошт Ирина Каримова. - Чунончи, барои кӯдакони дорои маъюбият имкони таҳсил бо кӯдакони солим дар як мактаб, дар як синф дода шудааст. Лекин дараҷаи вазнинию сабукии беморӣ ва қобилиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва зеҳнии кӯдак ба инобат гирифта мешавад. Роҳи дигар ҳам вуҷуд дорад. Яъне, кӯдакон дар як мактаб, аммо дар синфҳои гуногун таълим гирифта, фақат дар машғулиятҳои тарбиявӣ ба таври омехта иштирок мекунанд. Таъкид мекунам, ки ин ҳам ба дараҷаи вазнинӣ ё сабукии бемории кӯдак алоқаманд аст. Бинобар ин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи тадбирҳоро ба кор мебарад, то ин кӯдакон ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Дақиқтар гӯем, барои онҳо барномаҳои таҳсилоти зудтатбиқшаванда тахия шудаанд, ки дар ин замина онҳо аввал фанҳои асосиро азхуд карда, сипас, дар асоси қарори Шӯрои педагогӣ ҳамроҳи ҳамсолони худ таҳсилро идома дода метавонанд.

**"Алифбои Брайлро намедонам"**



Бо вуҷуди тадбирҳои болозикри Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳанӯз нафароне ҳастанд, ки аз ҳуқуқ ба таҳсил истифода накардаанд. Барои мисол, Наимҷон Олимов, сокини ноҳияи Кӯшониён, ки ҳоло 34 сол дорад, зиёда аз 10 сол боз нобино аст.

-Номи ман дар мактаб-интернати махсуси шаҳри Ҳисор сабт шуда буд. Мутаассифона, бо сабабҳои оилавӣ рафта натавонистам. То биноиямро аз даст додан бо хати кириллӣ хондаву навишта метавонистам, лекин алифбои брайлиро намедонам, - иброз дошт ӯ.

**Усули таълими инклюзивӣ**

И.Каримова бар ин назар аст, ки методологияи таҳсилоти фарогир ба касбияти омӯзгор ва диди эҷодии ӯ вобаста мебошад.

-Ин ҳам муҳим аст, ки дар синф кадом гурӯҳи хонандагон нишастаанд. Усули таълиму тарбия дар китобҳои педагогика дарҷ шудааст ва тарбиятгар ё муаллим метавонад, ки аз онҳо ба таври васеъ истифода кунад. Як усули муайянро ҳаргиз мисол оварда наметавонем, зеро онҳо ниҳоят зиёданд. Вале усулҳое ҳастанд, ки манфиатовар буданашон аз ҷониби омӯзгорон исбот шудаанд, - мегӯяд ӯ.

Равоншинос-педагог Мазбут Маҳмудов маслиҳат медиҳад, ки дар синфхонаи инклюзивӣ муаллим бояд аввал масъалаи чӣ забонро донистани кӯдаконро фаҳмад, то ин ки аҳли синф баробар хондаву навишта тавонанд.

Флюра Ҷӯраева, омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и шаҳри Бохтар 24 сол боз кӯдакони ғайримуқарририро бо усули таҷрибакардааш тадрис медиҳад. Ӯ ҳоло се синф дорад: аз 1 то 9.

-Дарси ман, - мегӯяд ин омӯзгор, - тибқи усули се дар як ҷараён мегирад. Ҳарчанд ин кӯдакон ношунавоянду забони гӯё надоранд, мо саъй меварзем, ки талаффуз кунем ва сухан гӯем. Ба ҷуз ин ки ҳар як ҳарфро бо ёрии лабу рӯй ва садоҳои махсус баён мекунем, боз ҳар як суханамонро ба забони имову ишора ва бо ёрии ангуштон изҳор медорем. Бигзор, онҳо зуд маро дарк накунанд, чунки ин душвор аст. Ман аз инкишофи нутқ ва талаффуз дарс медиҳам, ки дар ҷараёни он ба ҳар як ҳарф, ба ҳар як садо, ба ҳар як ишораи лабу рӯй ва ангуштон, ба ҳаракатҳои забон, ба лаппиши овоз, ки аз ҳарфи "А" алоҳида, аз "О" ва ғайра алоҳида аст, таваҷҷуҳ мекунам. Баъзе аз кӯдакон ин ҳамаро зуд азхуд мекунанд, бархеи дигар дертар. Се синфи собиқе, ки то нуҳумӣ бурдам, ҳар як суханро аз лаб мехонданд. Ҳоло синфҳои панҷуму шашумро дарс медиҳам. Умедворам, онҳо низ ба рӯю лабҳо нигариста, чӣ гуфтани мусоҳибро зуд мефаҳманд".

Воқеан, ин гурӯҳи хонандагон дар мактаби №5 фақат то синфи нуҳ таҳсил карда метавонанд. Агар хоҳиши идома додани таҳсилро дошта бошанд, бояд ба мактабҳои махсуси шаҳру навоҳии тобеи марказ муроҷиат кунанд, ки ин як мушкили умда аст. Мушкили дигар дар он аст, ки бинобар нарасидани омӯзгор чандин фанро як кас дарс медиҳад.

-Дар ин ҷо мо ба кӯдакон якбора ду забон: тоҷикӣ ва русиро меомӯзонем. Бар замми ин, ман ба онҳо аз фанҳои математика, хониш, адабиёт, физика, таърих, биология дарс медиҳам, - мегӯяд Ф.Ҷӯраева. - Ва барои он ки ангуштони кӯдакон нармҳаракат бошанд, машқҳои ангуштонро низ иҷро мекунем. Шумо бо даст менависед, онҳо бо ангуштон, яъне, бо ёрии ишораҳои онҳо. Дар синфҳои муқаррарӣ муаллим чизеро фаҳмонад, талабаҳо хуб мешунаванду мебинанд. Мо ба иловаи ин маҷбурем, ки ҳар як дарсро барои ҳар як толибилм ба таври алоҳида чанд бор такрор кунем. Яъне, ба назди ӯ рафта, мефаҳмонем. Бо ҳамин сабаб чунин синфҳо набояд аз панҷ хонанда бештар дошта бошанд.

Бо вуҷуди заҳматҳо на ҳамаи ин кӯдакон аълохон шуда метавонанд. Манзурам, онҳо ҳам мисли дигар кӯдакон ҳастанд: як касаш хондан мехоҳад, як касаш не. Фанни математика ва таълими меҳнатро зиёд дӯст медоранд. Омӯзиши забони русӣ барояшон душвортар аст. Физика низ. Ана, корҳои дастии онҳоро бинед. Ҳамаашонро худи кӯдакон дар дарсҳои таълими меҳнат сохтаанд: хонача, чароғаки хандонаки роҳнамо, лӯхтак...".

-Агар ин кӯдакон бо бачаҳои муқаррарӣ дар як синф таҳсил кунанд, чӣ натиҷа ҳосил мешавад? - мепурсам ман аз ӯ.

-Ба андешаи ман, - посух медиҳад Ф.Ҷӯраева, - барои ин гурӯҳи кӯдакон дар як синф бо бачаҳои муқаррарӣ таҳсил кардан каме душвор аст. Чунки инҳо одат кардаанд, ки муаллим ҳамеша ба онҳо таваҷҷуҳ дошта бошад. Аммо дар синфҳои муқаррарӣ муаллим беш аз 30 хонандаро дарс медиҳад ва ба ҳар яки онҳо ба таври алоҳида таваҷҷуҳ зоҳир карда наметавонад. Ҳамчунин, ба инҳо тарҷумони имову ишора зарур аст".

**Методи классикӣ**

- Ҷаннатбиҷон, чӣ хел ҳастӣ?
- Мешавад.
- Дар хона дарс хондӣ?
- Ҳо-о!
- Хола, созед, хубед?...

Ин муколамаро Муниса Гулова, омӯзгори дигари мактаби №5-и шаҳри Бохтар, ҳамзамон, донишҷӯи соли чоруми ихтисоси сурдопедагогикаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, бо яке аз шогирдони синфи якуми худ ва модари ӯ анҷом дод.

-Азбаски роҳи аксари ин кӯдакон то мактаб дур аст, падару модар ё дигар хешованд ҳамроҳашон меоянд, дар синф менишинанд ба дарс, ки тамом шуд, дасташонро гирифта мераванд, - нигоҳҳои маро пай бурда, шарҳ медиҳад Гулова. - Омадани калонсолон манфиати дигаре ҳам дорад. Яъне, онҳо алифбои брайлӣ, имову ишора ва дигар паҳлуҳои дарси кӯдаконашонро омӯхта, баъд аз ин ҳамеша бо онҳо дар хона машғулиятҳои таълимӣ гузаронида метавонанд ё худ дар иҷрои вазифаҳои хонагӣ ба онҳо мадад мерасонанд.

Ин омӯзгори ҷавон дар синфҳои махсуси нобиноён дарс медиҳад.

-Ҳоло инҳо алоҳида мехонанд, аммо вақте ки синфи чор шуданд, дар синфҳои инклюзивӣ бо дигар бачаҳо таҳсил хоҳанд кард, - зикр мекунад омӯзгори ҷавон. - Дар синфи 3 ё 4 аллакай хатои худро ислоҳ карда метавонанд. Дарс гузаштан ба кӯдакони махсус камтар душвор аст. Зеро агар онҳо як ҳарфро хато кунанд, аллакай калимаашон хато мешавад. Як калима, ки хато шуд, як ҷумлаашон хато мешавад. Ҳар як омӯзгор роҳу тарзи дарсгузарӣ дорад. Вақте ки мо ба онҳо дарс мегузарем, бо таҳаммул машқҳоро мефаҳмонем. Онҳо ҳам китоби "Алифбо" доранд, ки фақат ҳарфҳояш дигар аст. Ҳамон ҳарфҳоро ба онҳо мефаҳмонем. Масалан, як нуқтае, ки дар боло мемонем, ҳарфи "А" мешавад. Як нуқтаи дигар дар поёнаш илова кунем, ҳарфи "Б" мешавад. Агар дар он лаҳза саломатии ягон нафар хуб набошад, он дарсро бо ӯ такрор мегузарем. Яке дар як рӯз, дигаре дар як ҳафта ёд мегирад. Мушкил аст, аммо бояд ҳарфҳоро ёд гиранд, хондаю навишта тавонанд. Агар синфҳои муқаррарӣ дар як рӯз панҷ соат хонанд, инҳо панҷ соатро бояд дар давоми се соат тамом кунанд. Дарсҳояшон 45 дақиқа тӯл мекашад.

Вақте ки фанҳо мураккабтар шаванд, аз усулҳои иловагӣ истифода мебарем. Масалан, агар дарси математика мегузарем, чӯбчаҳо доранд, бо онҳо ҳисоб мекунанд. Вақте ки мо ду ҷамъи чор гуфтем, ҳангоми навиштани рақамҳо ҳама медонанд, ки ду чандум нуқта асту чор чандум нуқта,-илова мекунад М. Гулова.

Ғайр аз чӯбчаҳо компютерҳои махсус, планшетҳои махсуси суратдор ва планшетҳои хурди бозидор ҳастанд, ки онҳо ҳам азхудкунии машғулиятҳоро осон мекунанд.

**Зикри чанд мушкил**

-Роҳамон бисёр дур аст, - мегӯяд модари Ҷаннатбӣ Умеда Қарахонова. - Ҳар рӯз аз деҳаи Шӯртеппаи Ҷамоати деҳоти Киров, шуъбаи 1-уми ноҳияи Вахш ба ин мактаб меоем. Дар як рӯз аз 20-30 сомонӣ зиёд харҷ мекунем.

Доир ба нарасидани адабиёти иловагӣ муаллимаҳо Ф. Ҷӯраева ва М. Гулова ҳарф заданд ва намояндаи Раёсати маорифи вилояти Хатлон ҳам ҷой доштани онро тасдиқ кард.

**Ҳарфи муаллиф**

Таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки ба роҳ мондани таҳсилоти фарогир ҳарчанд душвориҳои зиёд, хусусан, молиявӣ дорад, аммо барои миллат ва давлат манфиатбор аст. Бинобар ин, умед ҳаст, ки ин низоми муосири тадрис дар Ҷумҳурии мо ба таври боиста ва шоиста роҳандозӣ мешавад.

***МУРОДИЁН Зокир Ҳасан,***
***устоди ДДБ ба номи Носири Хусрав***

Ба Тоҷикистон беш аз як миллион воя (ваксина) бар зидди коронавирус ворид гардид.

ҲАМҚАДАМИ ЗАМОН

# Тасодуфи нишотбахш

*Дар ҳаёту фаъолияти ҳар шахс тасодуфҳо зиёд рух медиҳанд; баъзе тасодуфҳо нишотоваранд, баъзеи дигар нохушоянд...*

Он субҳ тасодуфе азми моро тағйир дод. Ният доштаем, ки ба шаҳри Бӯстон биравем аз пайи коре. Дар дохили мусофиркаш беихтиёр шоҳиди суҳбати ду зани миёнсол шудем. Занҳо самимона таълимгоҳеву роҳбару устодони онро таъриф мекарданд, мегуфтанд, ки аз беҳтарин таълимгоҳҳост ин таълимгоҳ, низому тартиботаш устувор, шогирдонаш боинтизому босавод, мактаб тозаю озода, ҳама бо якдигар, бо волидон хушмуомила. Хуб шуд, ки пайвандонамонро барои таҳсил ба ҳамин мактаб супоридем…

Ростӣ, шунидани ин гуна суханони меҳрбор барои мо, ки алоқамандони соҳаи маорифи кишварем, басо хушоянд буду субҳамонро мусаффотар месохт. Чун аз идомаи суҳбати ин ду зан дарёфтем, ки сухан дар бораи гимназияи рақами 4-и шаҳри Хуҷанд меравад, зуд азм кардем, ки сафари шаҳри Бӯстонро ба дигар рӯз гузошта, озими гимназияи мазкур шавем…

Саҳни калони гимназия тозаю озода буду ҳар ҷо – ҳар ҷо якчанд нафар (яқин, омӯзгорон) байни ҳам гарм суҳбат доштанд Чанд зан дар тан либосҳои махсус (маълум, ки кормандони хоҷагидории таълимгоҳанд) ин тарафу он тараф равуо мекарданд. Шиору овозаҳои хуштарҳ саҳни гимназияро шукӯҳи бештаре мебахшиданд. Лаҳзае чанд банди тамошои ин манзара будем, ки марде миёнақади кушодачеҳра ва хушлибос ба истиқболамон омад: -Хуш омадед, хуш омадед! Ин чӣ рӯзи нек будааст, ки қаламкашон ёди мо кардаанд (мо дар бораи худ ба дарбони таълимгоҳ маълумот дода будем).

Пас аз самимона ҳолу аҳволпурсӣ кардан сардари гимназия изҳор дошт; аз ду якеро интихоб кунед: ё аввал синфхонаву ҳуҷраҳои таълигоҳамонро тамошо мекунему пасон суҳбат мероем, ё баръакс: аввал суҳбату баъд гуфтугӯ.

Мо пешниҳоди аввалро пазируфтем…

Гимназияи рақами 4 дар маркази шаҳри Хуҷанд ҷойгир аст ва яке аз таълимгоҳҳои муваффақи шаҳр эътироф гардидааст. Ин ҷо як гурӯҳ омӯзгорони фаъолу тозакор ва ғамхори насли наврас гирд омадаанд. Аҳли гимназия ҳамасола ба комёбиҳои шоиста ноил мегарданд ва ба шуҳраташон шуҳрат зам мекунанд. Соли гузашта дар даври шаҳрии олимпиадаи фаннии хонандагон 16 нафар ба пирӯзӣ расиданд, ду нафар дар даври вилоятӣ ғолиб омаданд. Шогирди фаъоли гимназия Фарангис Атоҳӯҷаева дар даври ҷумҳуриявӣ комёб ва соҳиби медал гашт. Хонандаи дигари гимназия Фариза Мирзохоҷаева таълигоҳро бо медали тилло хатм кард. Муҳаррамхон Баротова, яке аз шогирдони эҷодкори гимназия, бо эҷоди лоиҳаи «Интернет – раҳнамои шаҳри Хуҷанд» дар даври ҷумҳуриявии сессияи Академияи хурди илмҳо дастболо ва соҳибҷоиза гашт.

Дар гимназия анъанаҳои дерини таълиму тарбия риоя мешаванд ва натиҷаоваранд: ҳамаи хонандагони сустхон ба хонандагони пешқадам ва омӯзгорони алоҳида вобаста карда шудаанд, бо хоҳишмандон дарсҳои илова баргузор мешаванд, мусобиқаи байни синфҳо ҳамешагист, тамоми тадбирҳову ҳамоишҳо бо ширкати волидон ва ҳамбаста ба пешниҳоду мулоҳизаҳои онҳо ҷараён меёбанд…

Барои баргузор кардани аксар тадбирҳо, амсоли рӯзҳои фаннӣ (рӯзи забони тоҷикӣ, рӯзи забони русӣ…), ҷашнвораҳо, ҳамоишҳои тантанавӣ, ташкили саёҳатҳо… бо ҳадафи ҳар чӣ бештар рангину муҳтавоманд гаштани онҳо байни аҳли таълимгоҳ (устодону шогирдон, низ волидон) озмуни лоиҳаи барномаҳо эълон мешавад.

Дар гимназия Маркази илмӣ фаъолият дорад, ки як самти муҳими кори он ташкили конфронсҳо ва тренингҳо бо иштироки намояндагони хориҷӣ мебошад. Аз ҷониби маъмурияти гимназия ва гурӯҳи идораи сифати таҳсилот сатҳи дониш ва саводнокии хонандагон тавассути корҳои хаттӣ, рейдҳо, суҳбатҳо, тестҳо мунтазам санҷида, натиҷаҳо дар шӯрои омӯзгорон баррасӣ мешаванд.

Гурӯҳи калони хонандагон бо роҳбарии омӯзгорон ба корҳои эҷодӣ (навиштани хабару мақола, осори бадеӣ, рисолаҳои хурд, лоиҳаҳо…) машғуланд. Онҳо дар ороиши гимназия, такмили кабинетҳои фаннӣ, таҳияи рӯзномаҳои деворӣ… ҳиссаи сазовор мегузоранд. Ин гурӯҳро метавон «хазинаи тиллоии гимназия» номид. Дар тадбирҳои гуногуни шаҳрию вилоятӣ низ аъзои гурӯҳи мазкур фаъоланд ва гимназияро ба таври шоиста муаррифӣ мекунанд. Дар ин таълимгоҳ масъалаи китоб ва китобхонӣ ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор дорад. Китобхонаи гимназия дорои хазинаи пуразиши маънавист ва мунтазам баҳри тарғиби китобхонӣ маҳфилҳо баргузор менамояд. Муаррифии китобҳои тозанашр, озмуни «Китобхони фаъолтарин», маҳфилҳо бахшида ба солгарди адибон, мусоҳиба- суҳбатҳои «Китоби дӯстдоштаи ман», вохӯриҳо бо муаллифони китобҳои адабию дарсӣ аз ҷумлаи он тадбирҳои судманданд, ки китобхона дар давоми ҳар як чоряки соли таҳсил созмон мебахшад.

Албатта, пешрафту комёбиҳои ҳар таълимгоҳ ба сатҳи корбарӣ ва донишу истеъдоди раҳбари он вобастагии ҷиддӣ дорад. Роҳбари гимназия Анварҷон Шарифов беш аз бист сол боз дар соҳаи маориф фаъолият дорад. Ба шарофати солҳои пешин ҳамчун роҳбар дар мактабҳои дигари шаҳр (№№5,9,10,26) кор карданаш таҷрибаи кофӣ ба даст овардааст ва муҳимтарин хислати ҳар сарварро муносибати хуб бо кормандон ва пайваста омӯхтан медонад. Эҷодкор низ ҳаст ва дар заминаи андӯхтаву таҷрибаю мулоҳизаҳояш чанд дастури таълимӣ, аз ҷумла, рисолаҳое бо номҳои «Дастурҳои методӣ оид ба баргузории дарси намунавӣ аз забони русӣ дар синфи 9», «Ҷумлаҳои дорои нутқи айнан нақлшуда», «Тоҷикистон – кишвари маҳбуби ман» таълиф бинмудааст. Анварҷон Шарифов соли дуюм аст, ки вазифаи масъулиятбори сарварии гимназияи рақами чорро ба зимма дорад. Ӯро ҳамчун варзидатарин сарвари мактаб ба ин вазифа сазовор донистанд. Охир, саҳлу сода коре нест ба муассисаи таълимие, ки 3117 хонанда, 89 синф ва 129 омӯзгор (!) дорад, роҳбарӣ кардан. Як омили муҳими фаъолияташро ин сарвари муваффақ дар дуруст тақсим карда тавонистани вақт медонад; ин амал баракати корро таъмин месозад, омили комёбӣ мешавад, ҳар рӯзи таълимгоҳро бафайз мегардонад. Баракату самараи кор боз ҳам бештар мешавад, агар ҳар як шахси масъул ва ҳар як омӯзгори мактаб вазифаи худро нағз донаду бо камоли масъулият иҷро намояд. «Омӯзгорони хуб доштан пурарзиштарин сарвати ҳар таълимгоҳ аст», - мегӯяд А.Шарифов ва аз ин суханони басо воқеъбинонаи Пешвои миллат ёдовар мешавад: «Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим, омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд».


Сарвари гимназия


Китобдор


Голибон

…Мо аз гимназия бо хотири болида ва бо қаноатмандӣ берун шудем. Ба ҳукми тасодуф ин ҷо омада будем. Ин тасодуф, хушбахтона, бароямон хеле фараҳбахшу нишотовар буд; бо таълимгоҳе шинос шудем, ки ҳамқадами замон аст, бо гурӯҳе аз омӯзгороне суҳбат оростем, ки фаъолу тозакоранд ва бо сарваре гуфтугӯ кардем, ки таҷрибаи судманд дораду хеле хоксорона, вале бомуваффақият кор мекунад.

***А.МУРОДӢ,***
***Н.РАҶАБЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

МУЖДА

# Ифтихори мо

Боиси сарфарозист, ки имрӯзҳо хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он фаъолияти пурсамар намуда, дар рушду инкишофи соҳаҳои мухталиф камари ҳиммат бастаанд. Бахтиёр Охунов аз ҷумлаи хатмкардагони факултети тиббии Донишгоҳи миллӣ мебошад, ки чанд рӯз пеш дар хориҷи кишвар ба вазифаи пурмасъулият, мудири кафедраи урологияи Муассисаи тандурустии шаҳрии №3, шаҳри Ростови лаби Дони Федератсияи Русия таъйин гардид.



Бояд қайд намуд, ки баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки мавриди таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтаанд. Роҳбари давлат бо мақсади рушди босуботи соҳаи тандурустӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, дар самти табодули устодону донишҷӯён ва мутахассисони мухталифи соҳа бо муассисаҳои илмию таълимии хориҷи кишвар ҳамкории судмандро ба роҳ мондаанд.

Бахтиёр Охунов соли 2012 ба факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2018 донишгоҳро бо муваффақият хатм намуда, тибқи озмун ва тариқи квота ба Донишгоҳи давлатии тиббии Ростови Федератсияи Русия аз рӯи ихтисоси уролог ба таҳсил фаро гирифта шуд. Мавсуф дар факултети такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии мутахассисони донишгоҳи мазкур бо курси урологияи кӯдакон — андрология машғул шуда, дар семинарҳо, конференсияҳо, симпозиумҳо, форуми умумирусиягӣ – урологӣ маърӯзаҳои пурмуҳтавои илмӣ намуда, соҳиби диплому шаҳодатномаҳои сохторҳои мухталиф гаштааст.

Мавсуф бо касби пешанамудааш шавқи зиёд дорад ва соли гузашта дар авҷи бемории ҳамагир – Коронавирус (COVID-19) фаъолияти пурсамар нишон дода, аз ҷониби масъулини ҳукумати шаҳри Ростови Федератсияи Русия бо нишони фахрии «Табиби шоиста» сарфароз гардонида шуд.

Номбурда соли 2020 Донишгоҳи давлатии тиббии Ростовро бо дипломи аъло хатм намуда, фаъолияти кориро аз 3 августи соли 2020 дар Муассисаи тандурустии буҷети шаҳрии №3, дар шуъбаи урологӣ, шаҳри Ростови лаби Дон ба ҳайси табиб шуруъ намуд. Ҳамзамон, ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии тиббии Ростов дохил шуда, зери роҳбарии мудири кафедраи урология, доктори илмҳои тиб, профессор Коган Михаил Иосифович дар мавзуи «Оптимизация эндоскопических методов лечения крупных и коралловидных камней почек» тадқиқоти илмӣ анҷом дода истодааст.

Чанде қабл Бахтиёр Охунов бо фармони вазири тандурустии Федератсияи Русия ва пешниҳоди бахши тандурустии шаҳри Ростов ба вазифаи мудири кафедраи урологияи Муассисаи тандурустии буҷети шаҳрии №3, шаҳри Ростови лаби Дон таъйин гардид. Имрӯз Бахтиёр Охунов аз пайи иҷрои ин рисолати бузург аст ва бо маҳорати баланди касбӣ фаъолияти назаррас дорад.

***Т. ИХРОМОВ***

Дар вилояти Хатлон беш аз 55 фоизи аҳолӣ ваксинаи навбатӣ гирифтаанд.

АЁДАТ

# Шеър дар бистари беморӣ

*Бинолад Анвари маҳзун, намуда ашк ҷӯйи хун,*
*Ки ту, эй Холиқи якто, шаби ӯро саҳар созӣ.*

Ин байт бо қалами шоири бемор Анварбеки Абунаср тааллуқ дорад, ки чанд соли охир дар бистари беморӣ умр ба сар мебарад. Дарди ҷонсӯзи қанд ӯро нобино кардааст.

Анварбек аз камшумор касонест, ки аз шаҳри Панҷакент соҳиби ордени «Шараф» (дараҷаи аввал) гардидааст. Ӯ ин орденро аз дасти Пешвои миллат гирифтааст, ки ин шараф на насиби ҳар кас мешавад.

Анварбек аз наберагони Ниёзи Кончист, ки дар водӣ шуҳрати зиёд дошту аз тарафи гурӯҳе номардона ба қатл расонда шуда буд. Ин шоири иродатманд 15 январи соли 2022 ба синни мубораки 75 расид.

Анварбек соли 1969 Донишкадаи омӯзгории Хуҷандро бо ихтисоси омӯзгори забону адабиёти тоҷик хатм намуд. Дар мактаби зодгоҳаш деҳаи Варзиканда ба омӯзгорӣ машғул шуд. Дар муддати сиву нӯҳ сол садҳо шогирдро тарбия намуд.

Аз давраи дар омӯзишгоҳ таҳсил намуданаш ҳам барои кӯдакон шеър менависаду ҳам барои калонсолон.

Аз соли 2005 ба Донишкадаи Панҷакент ба кор гузашт ва дар рӯзномаи ин таълимгоҳ - «Махзани илм» сармуҳаррир таъйин шуд.

Соли 1991 аввалин маҷмуаи ӯ бо номи «Расид айёми тобистон» барои хурдсолон нашр гардид. Ин китоби шоир мақбули хонандагон шуд.

Соли 1994 китоби дигари ӯ барои калонсолон тариқи нашриёти «Адиб» бо теъдоди бузург ба табъ расид.

Дар муддати ҳаждаҳ сол (аз соли 1991 то соли 2009) 17 маҷмуаи шоир ба табъ расид, ки бозгӯи ҳунари баланди шоирии ӯст.

«Гулафшони хаёл» (2007), «Рӯдакӣ ва Лоиқ», «Гулбоғи ғазал» (ҳарду 2008), «Ғазалиёт» (дар панҷ ҷилд) аз асарҳои муҳими шоир мебошанд.

Асари калонҳаҷми ӯ, ки фарогири сесад адад мухаммас аст, «Дар пайроҳаи бузургон» ном дорад.

Яке аз китобҳои охирини ӯ «Дафтари ишқ» ном гирифта, ки онро шоири нобино дар бистари беморӣ эҷод намудааст. Шоир барои ин китоби худ, ки фарогири 3612 дубайтист, сазовори Ҷоизаи вилоятии ба номи Камоли Хуҷандӣ шудааст.

Анварбеки Абунаср сазовори нишонҳои «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишони «Нишони сухан» гардидааст.

Дар зер ду ғазали шоирро пешиҳоди хонандагон мегардонем.

*Дар либоси дӯст бинӣ душманон, бовар макун,*
*Гарчи резад шаккар аз нӯги забон, бовар макун.*

*Дур соз аз қалби худ ту кинаю бухлу ҳасад,*
*Бар табассумҳои ҳар як бадгумон бовар макун.*

*Мушти мардӣ мезанад бар синаи худ нокасе,*
*Бар чунин лофу гизофи нокасон бовар макун.*

*З-ишқи пирӣ ғайри расвоӣ набошад ҳосиле,*
*Гарчи гӯяд пираму ман дилҷавон, бовар макун.*

*Мехӯрад дар зиндагӣ аз содагӣ кас пешпой,*
*Медиҳад ширин фиребат ин замон, бовар макун.*

*Пурталотум шуд равон селоби дарёи ҳаёт,*
*Ҳар кӣ гӯяд мекунам ин сӯ равон, бовар макун.*

*Роҳат Анвар, ибтидо гирад зи меҳри дӯстон,*
*Гуфт адӯ по монд ӯ берун аз он, бовар макун.*

***

*Эй он, ки дӯст хоҳию хуш эҳтироми дӯст,*
*Бояд бирезӣ ҳар замон шарбат ба коми дӯст.*

*Маҳбуб номи мо шавад аз сидқу аз вафо,*
*Дилҷӯйтар чӣ бошадат ғайри каломи дӯст.*

*Нури саҳар, ки оламе равшан ҳамекунад,*
*Эъҷоз дорад он магар ҳамчун паёми дӯст.*

*Гар ҷоми зиндагӣ диҳад заҳре барои мо,*
*Шаҳде бирезад он замон моро зи ҷоми дӯст.*

*Азбаски раҳ гирифтаӣ бо меҳр сӯи дӯст,*
*Анвар, бикун фидо ту ҷон акнун ба номи дӯст.*

***Исмоил ЗАРИФӢ***

ЭҶОД

# Қалам бо амри дил гирад ҳамеша

*Аз зумраи омӯзгорони эҷодкоре, ки пайваста ба таълифи шеър машғуланду зуд-зуд бо «дастовез»-и хоксоронаи худ (силсилаи ашъор) меҳмони нашрияи «Омӯзгор» мешаванд, яке устод Раҷаб Саидист. Мавсуф зиёда аз 20 сол аст, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и Ҷамоати деҳоти Карим Исмоилови шаҳри Ваҳдат ба шогирдон аз таърих ва ҳуқуқшиносӣ дарс мегӯяд. Ба маҷмуаи нахустини ашъораш Салимшо Ҳалимшо пешгуфтор навишта, содагию шевоии каломи Саидиро ба гунаи махсус таъкид ва хотиррасон намудааст. Устод Раҷаб Саидӣ дар назму наср муаллифи 15 китоб мебошад. Маҷмуаҳои «Савганди вафо», «Ҷонам фидои модарам», «Дидори дӯст», «Рӯзи маош», «Очаҷон», «Дуои модар» ва амсоли инҳо аз қабили китобҳои ашъори ӯянд. Раҷаб Саидӣ солиёни тӯлонӣ ҳамчун муҳаррири барномаҳои адабӣ дар Радиои Тоҷикистон, ба сифати муҳаррири нашрияи «Мароми пойтахт» ва ба ҳайси хабарнигори «Паёми Душанбе» дар инъикоси масоили иҷтимоию иқтисодӣ ва маориф ҳиссаи босазо гузоштааст. Ин шоири боистеъдод бо нишонҳои «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудааст. Дар зер аз ашъори ба тозагӣ иншонамудаи ӯ чанд намунаро пешниҳоди хонандагон мегардонем.*



## Тоҷикистон

*Луқмаи нони ҳалолам,*
*Чашмаи оби зулолам,*
*Бешикасту безаволам,*
*Тоҷикистон!*

*Ифтихору эҳтиромам,*
*Зиндагии бардавомам,*
*Маҳзари номусу номам,*
*Тоҷикистон!*

*Болу паврвози баландам,*
*Кишвари оламписандам,*
*Бо ту умре бегазандам,*
*Тоҷикистон!*

*Дар шаҳомат беназирам,*
*Дар тароват дилпазирам,*
*Як нафас бе ту нагирам,*
*Тоҷикистон!*

## Душанбе

*Эй пойтахти тоҷикон,*
*Эй шаҳри сарсабзу ҷавон.*
*Бар тақдиру бар бахти мо,*
*Бошӣ ҳамеша ҷовидон.*

*Эй маскани бахту нишот,*
*Умеду орзуи ҳаёт.*

*Бо фазлу шони Сарварат,*
*Бошӣ ҳамеша гулфишон.*

*Эй манзили озодагон,*
*Эй фахри ҳар пиру ҷавон.*
*Бин шуҳратат вирди забон,*
*Бошӣ ҳамеша дар амон.*

## Модар

*Ту ҳастӣ, хона дорад рӯшноӣ,*
*Маро ин гуна форад рӯшноӣ.*
*Чунин аз маҳ набошад рӯшноӣ,*
*Худо дорад нигоҳат, модари ҷон.*

*Зи раҳпоӣ ду чашмат обрав шуд,*
*Ҳамон ҷӯйҳои ҳасрат обдав шуд.*
*Зи биншастан ду поят хобрав шуд,*
*Худо дорад нигоҳат, модари ҷон.*

*Раҳи умрат раҳи андарзу панд аст,*
*Сарам аз номи неки ту баланд аст.*
*Бароям ҳар чӣ гӯӣ, судманд аст,*
*Худо дорад нигоҳат, модари ҷон.*

## Зинда бод!

**(Барои академик Муҳаммад Лутфуллозода)**

*То даме ки шуъла афрӯзад чароғи рӯзгор,*
*То даме ки ҳар нафас осудааст бо нангу ор.*
*То даме поянда аст ин миллати овозадор,*
*Пешаи арзандаи омӯзгорон зинда бод!*
*То даме ки кишварам арзандаи сайёра аст,*
*То даме ки нури хуршед бар замин ҳамвора аст,*
*То даме ки ишқи бегаш фахри ҳар наззора аст,*
*Шаҳсутуни ин ҳаёт устоди инсон зинда бод!*

ТОЗАНАШР

# Руҷӯе ба олами табиати пурасрор

Ҳанӯз миёнаи солҳои 70-ум ва солҳои 80-уми асри гузашта дар оинаи нилгун барномаи махсус - баргузор намудани машғулияти таълимӣ намоиш дода мешуд, ки хеле ҷолиб, пурмуҳтавою сермухлис буд. Аксари машғулиятҳои таълимиро аз фанни физика дар ин барнома устоди ДДОТ ба номи С.Айнӣ, физикдони шинохта Барот Мирзоев баргузор менамуд. Ин омӯзгору олими варзида дар тӯли 45 дақиқае, ки барои ин барнома ҷудо гардида буд, ин ё он мавзуи дарсиро аз фанни физика содаву фаҳмо, бо истифода аз таҷҳизоту асбобҳои озмоишгоҳӣ рангину шавқовар мегузаронд. Дар тахта формулаҳои физикии мансуб ба мавзуи пешниҳодшударо навиштаву исбот намуда, моҳияту ҳадафи ҳодисаҳои физикиро дақиқу сареҳ шарҳу тавзеҳ медод. Аз тарзи баёну гуфтори устоди заҳматкаш равшан ҳувайдо мегардид, ки ӯ қобилияту дониши баланд дошта, доираи омӯзишаш фарох ва соҳиби таҷрибаи ғании педагогӣ аст. Хароина, бегоҳиҳо мо – толибилмони мактаби деҳа, бесаброна барномаи таълимии телевизиони кишварро бо иштироки омӯзгори соҳибфазилат Барот Мирзоев интизорӣ мекашидем ва рӯзи дигар дар таълимгоҳ атрофи машғулияти навбатии баргузорнамудаи муаллим Б.Мирзоев баҳс ороста, мулоҳизаҳои худро иброз медоштем… Солҳо тирвор гузоштанду дигар аз муаллиму тақдири барномааш огаҳӣ пайдо накардем. Аммо дар нашрияҳои даврӣ зуд-зуд бо мақолаҳои методию илмии Б.Мирзоев дучор мешудем. Устоди ҷӯёву кӯшо ҳамвора саъй менамуд, то дар бораи асрори ҳодисаҳои физикӣ маълумоти наву диққатҷалбкунандаи илмиро бо истифода аз маъхазу сарчашмаҳои муътамад пешкаши омӯзгорону хонандагони таълимгоҳҳо гардонад.




Ва ба ин ҳадафи неки хеш ноил гардида, китобе ҳам дар ин хусус ба табъ расонд. Инак, китоби олими зиндаёд, собиқ мудири кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, шодравон Барот Мирзоев бо номи «Салом, физика!» бо иқдоми сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф С.Эгамбердиев аз тариқи чопхонаи «Делта Принт» бо теъдоди 3000 нусха ба табъ расид. Дар сарсухани китоб муаллиф аҳамияти илми физикаро дар ҳаёти ҷомеа ва истеҳсолот бо мисолҳои воқеӣ хотирнишон сохта, аз ҷумла, менигорад: «Агар китобро бо диққат мутолиа карда, супоришҳо, таҷрибаҳои шавқовар, чистону муаммоҳоро иҷро намоед, дар бораи бисёр ҳодисаҳои шавқовари табиат донишҳои ибтидоӣ пайдо хоҳед кард… Маводи китобчаро муаллимони физика дар машғулиятҳои беруназзсинфӣ, даҳа ва ҳафтаҳои физикӣ дар мактаб, рӯзномаҳои деворӣ ва маҳфили «Физикони ҷавон» истифода карда метавонанд». Воқеан, вақте ба мутолиа ва омӯзиши маводи китоб, ки ба масоилу мавзуоти гуногуни физика ва ҳодисаҳои шавқовару аҷиби табиат бахшида шудаанд, шуруъ мекунед, ба олами пурасрору муъҷизаосои замину кайҳон ворид гардида, маълумоту андешаҳои наву ҷолиброи дарёфт менамояд. Дар китоб муаллиф ба масоили аҷиби физикӣ, диққати бештар зоҳир намуда дар хусуси театри электрикӣ, гурбаи электрикӣ, раъду барқ (оташак), физика ва рӯзгор (физика ва муҳандиси бинокор, физика ва футболбоз, физика ва духтур, физика ва соҳибхоназан, физика ва ронанда…) маълумот медиҳад. Дар китоб, ҳамчунин, таҷрибаҳои шавқовари физикӣ, чистону муаммоҳо ва саволу супоришҳои баргирифта аз ҳаёти ҳаррӯза ҷой дода шудаанд.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

*Зар ҳар чи ки бештар, бало бештар.*
*Хисрави Деҳлавӣ*





Азиз НЕСИН,
адиби Туркия

## АГАР...

***Дӯсти азизам, Баҳрӣ Филфил!***

Аз ту ниҳоят миннатдорам, ки хат кардӣ. Умедворам, ки мактуби ман, агар дар почта гум нашавад, сензура иҷозат диҳад, агар хаткашон унвони лифофаро дуруст хонда тавонад ва агар то он вақт хонаатро вайрон карда туро накӯчонанд, агар хӯҷаини хона шуморо пеш накунад, ба дасти ту мерасад.

Бародари меҳрубон, Баҳрӣ Филфил, ту пурсидаӣ, ки ман хонадор мешавам? Агар номзади ман кор ёфта тавонад, агар соҳибкор ба иззати нафсаш сахт нарасаду аз кор пеш накунад, агар мо он қадар пуле ёбем, ки хуҷрае ба иҷора гирифта тавонем, агар мо қудрати харидани баъзе ашёи рӯзгор пайдо кунем, агар иқисодиёт, чунон ки сарвазир ваъда дод, дар ҳақиқат ҳам тараққӣ кунад, агар зиндагии мо ки ваъдаи беҳбудиашро аз рӯзи азал то ҳол мешунавам, аз ростӣ ҳам серу пур шавад, агар моҳонаи моро зиёд кунанд, агар моро ба ихтиёри вазорат чег зада, ба ягон гӯшаи дурдаст нафиристонанд, агар моро аз кор наронанд, Худо хоҳад, ба ҳамин наздикиҳо хонадор хоҳам шуд.

Азизам Баҳрӣ Филфил, ту аҳволи холаат хонум Сафияро пурсидаӣ. Агар холаат доруҳое, ки аз рӯи ҳисоб ҳафтумин духтур фармудааст, ёфта тавонад, агар дар касалхона ҷои холие пайдо шавад, ки ӯро чарроҳӣ кунанд, агар бахташ тобаду барои Аврупо рафта табобат кардан пули хориҷӣ ёбад, агар киштие, ки ӯ меравад, ғарқ нашавад, насӯзад ва дар бандаре дарнамонад, агар ба ивази қарзхо молу мулкашро мусодира накунанд, агар хола аз тафтиши сарҳадчиён сиҳат саломат гузарад, агар ӯро барои тавқе, ки ба шавҳараш тухфа мебарад, савдогар гӯён гунаҳгор накунанд ва агар вай то он вақт зинда монад, Худо хоҳад хола тандурусту бардам мешавад.

Бародарам, Баҳрӣ Филфил, ту аз вазъияти командаи футбол дар соли ҳол пурсидаӣ. Агар то оғози бозиҳо мо дарвозаамонро танг карда тавонем, агар дар вақти бозӣ чашми бозингарон аз офтоб хира нашаваду шамоли мувофиқ хезад, агар довар тарафи командаи моро гирифта, ҳама голхоро ҳисоб кунад ва ҳаводорон гулӯ даронда фарёд кашанд, ки бозингарони командаи ҳариф «Гованд! Аз майдон дафъ шаванд!» ва ба сари онҳо сӯтаи чуворӣ, шиша ва дигар чизҳо партофта рӯҳшикаста карда тавонанд, ман аминам, ки он вақт мо чемпион мешавем.

Худамон бошем, агар телефонҳо бо таъсири боду борон вайрон нашаванд, агар газро нафабанданд, агар чароғҳо аз набудани кувваи электр намуранд, агар радио вайрон нашавад, агар трубаҳои обгузар накафанд ва бо ин сабаб роҳхо баста нашаванд, агар нон қимат нашавад, он гоҳ хушбахт мешавем.

Ту аҳволи амакамро пурсидаӣ, Баҳрӣ Филфил, ки ҷавоб медиҳам... Агар амакам ба Анқара равад ва дар он ҷо воситаи пора, чӯрабозӣ ё ягон илоҷ дигар салоҳи корашро ёбад, агар одаме, ки худро ҳамсабақи ӯ мегӯяд, чунин вонамуд накунад, ки ӯро намешиносад ва ба коре тавсия диҳад, агар ӯ барои қарз гирифтан аз банк рухсатнома гирифта тавонаду ба савдо машғул шавад, агар ӯ то он вақт тоқат карда тавонаду ба дараҷаи девонагӣ нарасад, иншоолоҳ, хуб мешаванд.

Бародарам, Баҳрӣ Фифил, агар Ҷонгизи хурдакак дар ҳамон синфе, ки порсол хонда буд ва он синф навад талаба дошт, нахонад, агар дар мактабҳо хондан дар се баст набошад, агар дарсҳо бо баҳонаи нарасидани муаллим нагузашта намонанд, агар Ҷонгиз дубораву себора имтиҳон насупорад, умед аст, ки имсол дар синфаш намемонад.

Бародарам, Баҳрӣ Филфил, ба он саволе, ки ту дар хатат дода будӣ, ба ман муяссар шуд, ки ҷавоб ёбам. Натиҷаашро менависам: агар моҳӣ ба сафедор барояд, агар сари кал мӯ барорад, агар барзагов дар шохи бед хона монад, агар зангӣ сафед шавад, агар офтобро бо домон пӯшанд, агар гурбаҳо ҷомашӯӣ кунанд, агар ба осмон нордбон гузоранд, ҳамон вақт мақсадҳои ту ҷомаи амал мепӯшанд.

Бародари азизам, Баҳрӣ Филфил, мактуби туро бо ҷон интизорам. Мебӯсам.

*Тарҷумаи Ӯрун КӮҲЗОД*

## Эҳтироми падар

*Ва овардаанд, ки дар қуруни мозия дар Миср одат будӣ, ки ҳар подшоҳе, ки ба ҷиҳати эҳтироми касе бархостӣ, гуфтанд: ӯ аз мулк бархост, ӯро аз салтанат азл кардандӣ. Чун Яъқуб, алайҳиссалом, ба дидани Юсуф, алайҳиссалом, омад, Юсуф, алайҳиссалом, хост ки бархезад, нагузоштанд. Гуфтанд: Дар ин бархостан хатари мулк аст. Юсуф, алайҳиссалом, барнахост. Ҳақ, ҷалла ва ало, ба Юсуф, алайҳиссалом, ваҳӣ фармуд, ки: Эй Юсуф, ба ҷиҳати маслаҳати мулки фонӣ ҳурмати падар фурӯ гузоштӣ, ба иззат ва ҷалоли мо, ки баъд аз ин аз пушти ту ҳеҷ пайғамбаре берун наёрем.*

**Шарҳ:** *Дар ҳикояи мазкур сухан дар бораи он меравад, ки одати пешини мисриён ин буд, ки ҳар касе, ки ба қасри подшоҳӣ ворид мешуд, подшоҳ ва нафарони дар тахту курсӣ нишаста аз ҷойяшон барнамехостанд. Юсуф, ки азизи Миср буд, баъди ворид гаштани падараш Ёқуби Пайғамбар аз ҷой барнахост. Ва ин амалаш беэҳтиромӣ ба мақому манзалати падар дониста шуда, аз фарзандони ӯ дигар касе мақоми пайғамбарӣ наёфтанд.*

**Манбаъ:** *Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. Таҳиягарон Ҳ. Асозода ва Қ. Турдиев. Душанбе, 2008. саҳ. 200.*

## Хонед, аҷоиб аст!

Дар Туркия меҳмонхонае ҳаст, ки намуди зоҳириаш нусхаи хурди Майдони Сурхи Москваро ба хотир меорад.

***

Кенгуруи сурх то 14 метр ҷаҳида метавонад.



***

Дар кайҳон назар ба замин бештар тилло мавҷуд аст.

***

Шоколаде, ки аз равғани моҳӣ омода шудааст, барои чашм ва нохунҳо манфиати бештаре дорад.

***

Ҷазираи Питкэрнии Полинезия ҳамагӣ 46 нафар сокин дорад.



***

Забони русӣ дар ИМА аз ҷиҳати истифода ҷойи даҳумро ишғол мекунад.

***

Нахустин президентзан Мария Эстела Мартинес де аз Аргентина мебошад.

## Усули ғайриодии таълим

Омӯзгор аз Испания Вероника Дуке дар яке аз дарсҳо аз усули аҷиб кор гирифт. Либосе пӯшид, ки дар он мушакҳо, узвҳои ковокии шикам ва қафаси сина тасвир шудаанд. Ҳамкасбони омӯзгор ва хонандагон ин шеваи омӯзишро шавқовар ва муассир хонданд.

Ҳар боре ки ин омӯзгор дар бораи ягон чехраи таърихӣ дарс мегузарад, либосҳои яке аз қаҳрамононро мепӯшад ва худро ба ӯ монанд мекунад.

Хонум Дуке таҷрибаи 15-солаи омӯзгорӣ дорад. Аз фанҳои санъат, забонҳои англисӣ ва испанӣ дарс медиҳад. Ба унвони ифтихории «Омӯзгори сол» ҳам мушарраф шудааст.

## 100 шахсияти шинохтае, ки умри кӯтоҳ дидаанд

16. Пётри 1 (Кабир) – шоҳи Россия (1672 – 1725), **53 сол.**
17. Михаил Ломоносов – олими рус (1711 – 1765), **54 сол.**
18. Пётри 11 (Алексеевич) – императори Россия, набераи Пётри 1 (Кабир), 1715 – 1730), **15 сол.**
19. Денис Фонвизин – нависандаи рус (1745 – 1792), **47 сол.**
20. Иоханн Фихте – файласуфи немис (1762 – 1814), **52 сол.**
21. Давид Рикардо – иқтисодшиноси англис (1772 – 1823), **51 сол.**
22. Муниси Хоразмӣ – шоир, тарҷумон, хаттот (1778 – 1829), **51 сол.**
23. Виссарион Белинский – мунаққид, адабиётшинос, рӯзноманигори рус (1811 – 1848), **37 сол.**
24. Шандор Петефӣ – шоири венгер (1823 – 1849), **26 сол.**
25. Шамсиддини Шоҳин – шоири классикии форсу тоҷик (1859 – 1894), **33 сол.**
26. Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ – шоири тоҷик (1865 – 1919), **54 сол.**
27. Сантсио Раффаэлло – рассом ва меъмори итолиёвӣ (1483 – 1520), **37 сол**
28. Владимир Илич Ленин - доҳии пролетариати ҷаҳон (1870 – 1924), **54 сол.**
29. Левӣ Бобохонов - сароянда, мақомдон, ва бастакори тоҷик (1873 – 1926), **53 сол.**
30. Чек Лондон – нависандаи амрикоӣ (1876 – 1916), **40 сол.**
31. Лу Син – нависандаи Хитой (1881 – 1936), **55 сол**
32. Абдурауфи Фитрат –нависанда ва олими тоҷик (1886 – 1937), **51 сол.**
33. Ҷон Рид – нависанда ва рӯзноманигори амрикоӣ (1887 – 1920), **33 сол.**
34. Марина Светаева – шоираи рус (1892 – 1941), **49 сол.**
35. Дамдий Сухэ – Батор – ходими давлатӣ ва сиёсии Муғулистон (1893 – 1923), **30 сол.**

**(Давом дорад)**

***Таҳияи Ҳотами ҲОМИД***

## Муаммои «Асотир»




**Аз боло ба поён:**

1. Шакли дигари пайвандаки шартии «агар». 3. *** Рашидова, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон. 4. Қадимӣ, ривоятӣ. 5. Давлат дар қитъаи Африко. 6. Мева. 9. Пйесаи Шодӣ Солеҳ. 10. «***и Парвардигори мо омад» (Лоик). 11. Душанбе, Ҳисор, Кӯлоб.

**Аз чап ба рост:**

2. Қаҳрамони асари Ю. Акобиров. 5. Исми маъмулии занонаи тоҷикӣ.7. Тоза, ноб, равшан. 8. Паёмбар. 9. Дарё дар Федератсияи Россия. 12. *** Дӯстмуҳаммадов, бастакори тоҷик.

*Мураттиб*
*Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

### Кӯдакон нотарсанд

Ду омӯзгор бо ҳам суҳбат доранд, якеаш мегӯяд:
-Айни замон кор кардан душвор гаштааст!!! Омӯзгор аз директор метарсад, директор аз тафтиш, тафтиш аз волидон, волидон аз кӯдакон, танҳо кӯдакон аз касе наметарсанд.

### Ҷазои Одам

Дар дарси таърихи қадим омӯзгор аз талаба мепурсад:
-Аввалин одами рӯи замин кӣ буд?
Талаба:
-Ҳазрати Одам.
-Худованд ӯро чӣ гуна ҷазо дод?
-Бароям Момо Ҳаворо офарид.



### Рӯбардор кунам



Аз суҳбати ду рафиқ:
-Гӯш кун, ту вазифаи хонагии писаратро аз фанни риёзӣ иҷро кардӣ?
-Бале.
-Ба ман ҳам деҳ, рӯбардор кунам.

### Худатон бедор кунед

Профессор:
-Рафиқ донишҷӯ, ҳамсояи хоби худро бедор кунед!
Донишҷӯ:
-Шумо ӯро хобондед, худатон бедораш кунед!



### Стипендия намегирад

Донишҷӯ дар имтиҳоне ба саволҳо ҷавоб дода наметавонад.
Профессор аз ӯ мепурсад:
-Ба фикри шумо, имтиҳон чист?
Донишҷӯ:
-Ин суҳбати ду нафари боақл аст.
Профессор:
- Рафту яке аз онҳо камақл бошад -чӣ?
-Он гоҳ нафари дуюм стипендия намегирад.



83 нафар хатмкунандаи зинаи магистратураи хизматчиёни давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби диплом гардиданд.

*Нақде зи ҳазор насяи беҳтар бошад.*
*Умари Хайём*



ШАРАФМАНДОН

# Бонуи илм



Ман соли 1966 донишҷӯи факултети таърихи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ) шудам. Банда, ки ба фанни таърих шавқу завқи зиёд доштам, дар кулли маҳфилҳои илмии донишҷӯён ширкат меварзидам, фарқ надошт, ки даъват шудаам ё не. Дар илмомӯзӣ баъзан шилқинӣ ба нафъи донишҷӯ аст. Боре дар маҳфили «Таърихи умумӣ» шоҳиди маърӯзаи духтари ситорагарме шудам, ки дар бораи яке аз симоҳои инқилобии Фаронса бо номи Максимилян Робеспер маърӯза мекард. Вай бо забони тоҷикӣ ва лаҳни хеле ширин маърӯзаашро мехонд. Ҳам омӯзгорон ва ҳам донишҷӯён суханони ӯро бодиққат гӯш мекарданд. Пасонтар фаҳмидам, ки ин духтари нозукандоми ситорагарм Тамарахон Файзуллоева ном дошта, аз ман як курс боло мехондааст. Тамарахон дар шаҳри Киеви Ҷумҳурии Украина ба дунё омада, дар зодгоҳи падар - маркази фарҳангии тоҷикон - шаҳри Самарқанд ба камол расидааст. Тамарахон мактаби миёнаро бо забони русӣ хатм карда бошад ҳам, дар факултаи таърих дар гурӯҳи таҳсил бо забони тоҷикӣ мехонд. Ҳамроҳи Тамарахон боз тоҷикдухтари дигар - Ҷаннат Шарифова таҳсил мекард, вай ҳам мактаби миёнаро бо забони русӣ хатм карда буд. Бинед, ки Тамарахон ва Ҷаннат ҳар ду рисолаи номзадӣ ҳимоя карданд, мутаассифона, зиндагии Ҷаннат кӯтоҳ будааст, ӯ ҳаётро бармаҳал падруд гуфт. Тамарахон Файзуллоева минбаъд ба дараҷаи яке аз олимони шинохта ва маъруф ба камол расид.

Ман хеле хуб медонам ва шоҳид ҳастам, ки Т.Файзуллоева дар факултет ҳамчун донишҷӯи обрӯманд ва оянддор маълум буд. Баромадҳояш дар маҳфилҳои фаннӣ саропо илмӣ буданд. Забони русиро хеле хуб медонист, маводи таърихиро аз сарчашмаҳои мӯътамад гирд меовард, ки ин на ба ҳама даст медод. Ҳамин буд, ки пас аз хатми факултет Тамарахон дар кафедраи таърихи наву навин ба кори омӯзгорӣ пардохт. Ҳангоми таҳсил бо ҷавони болаёқат Манзар Мунавваров, ки ҳар ду дар як курс таҳсил мекарданд, рӯ ба рӯ шуд. Якдигарро дӯст дошта, оила барпо карданд. Минбаъд Тамарахон дар зиндагӣ насаби шавҳарро (Тамарахон Мунавварова) интихоб кард. Устодон М. Бобохонов ва А. Слонимский Манзар Мунавваровро низ ба ҳайси коромӯзи кафедраи таърихи наву навтарин пешбарӣ намуданд. Акнун зану шавҳари ҷавон дар як кафедраи бонуфуз ба фаъолияти педагогӣ ва таҳқиқоти илмӣ пардохтанд.

Инак, зиёда аз 50 сол мешавад, ки ҳар ду дар як кафедра кор карда, дар баробари дастовардҳои илмӣ ба донишҷӯён сабақ меомӯзонанд. Т. Мунавварова таҳти роҳбарии муаррихи шинохта, профессор Мулло Эркаев рисолаи номзадиро дар ҳамоҳангӣ бо соҳаи педагогика бомуваффақият ҳимоя кард. Т. Мунавварова се насли омӯзгорони таърихро барои муассисаҳои таълимии кишвар тарбия намудааст.

Фаъолияти илмии Т. Мунавварова пурсамар мебошад. Ин бонуи илм дар услуби нигориш бо забони русӣ ва тоҷикӣ муваффақ аст. Тамоми рисолаҳои илмӣ, номзадӣ, мақолаҳо, дастурҳое, ки бо забони русӣ омода мешаванд, ҳатман аз назари ӯ мегузаранд. Т. Мунавварова ва М. Мунавваров тайи панҷоҳ соле, ки дар як кафедра заҳмат мекашанд, муаллифи даҳҳо китобу дастурҳои таълимӣ, монографияҳо, мақолаҳо буда, инчунин, соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва ҷаҳонро ба риштаи таҳқиқ гирифтаанд.

Т. Мунавварова модари меҳрубон ва мушфику хушбахт аст, фарзанд ба дунё оварда, ба камол расонд. Албатта, дар камолоти фарзандон ҳиссаи падари хонадон, устод Манзар Мунавваров низ кам нест. Метавон гуфт, ки оилаи Мунавваровҳо яке аз хонаводаҳои муваффақ ва намунавӣ ба ҳисоб меравад.

Тамарахон Мунавварова зани хеле хоксору самимист. Аз рӯзгори сипаришуда, кору фаъолияти шоиста бахри шукуфоии кишвари азизамон - Тоҷикистон шоду масрур мебошад.

*Амиршоҳ*
***ЁРМУҲАММАДОВ,***
***номзади илмҳои таърих, дотсенти факултети таърихи ДМТ***

КИТОБИ НАВ

# Дастури муфид

«Забони тоҷикӣ» (дастури таълимӣ-тахассусӣ барои донишҷӯёни равияи табиӣ ва риёзӣ) - чунин ном дорад китоби нави мудири кафедраи забони тоҷикии ДДОТ ба номи С.Айнӣ доктори илмҳои филология, профессор Саидмуроди Хоҷазод.




Китоб аз чаҳор боб иборат мебошад. Дар боби аввал оид ба "Мақоми забон дар ҷомеа, талаффуз ва имло" маълумоти мукаммал фароҳам омада, дар пешниҳоди мавзӯъ ва пурсишу супоришҳо дидгоҳи нав мушоҳида мегардад. Қоидаҳои имло тарзи дурусти навишторро нишон медиҳанд, матнҳои тахассусӣ сатҳи дониши хонандаро боло мебаранд, супоришҳо ҷаҳони маънавии толибилмро ганӣ мегардонанд, пораҳои шеърӣ савияи фикрро тақвият мебахшанд. Аксари матнҳо дастнахӯрдаанд, усули нави ифодаи маънои пораҳои шеърӣ ба ҷумлаҳо саликаи баёни фикр бо матнро ташаккул ва нутқи хаттии донишҷӯро мураттаб мегардонанд.

Боби дуюм фарогири "Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ" аст. Бо назардошти он ки дар қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ аломатҳои китобат бо мисолҳои мушаххас асоснок шудаанд, айнан овардани онҳо зарур дониста шудааст.

Ҳоло дар тамоми корхонаву муассисаҳо коргузорӣ ба забони давлатӣ роҳандозӣ шудааст. Ба ин хотир, боби сеюм "Санаднигорӣ" ном дошта, хонандаро бо тарзи дурусти навишти ҳуҷҷатҳо шинос менамояд.

"Маводи ёирасони дидактикӣ" унвони боби чаҳоруми китоб буда, матнҳои тахассусиро дар бар мегирад. Бахши "Луғат" чанде аз вожаву истилоҳоти соҳавиро фарогир аст, ки дар раванди тадрис коромад хоҳанд буд.

Китоб барои устодон, донишҷӯён, хизматчиёни давлатӣ, коргузорон, пажӯҳишгарон, муаррихон ва ҳаводорони забони тоҷикӣ ба ҳайси маъхази мӯътамад ва дастури муфид хидмат мекунад.


## Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2022

**Агар хоҳед, ки дар соли 2022 аз навгониҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаи маориф ва илмро сари вақт дастрас намоед, аз таҷрибаи ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.**

Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта 149 сомонию 05 дирам

СУРАТҲИСОБИ МО

ДХ БДА ҶТ «Амонатбонк»
с/ҳ 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264

РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»


### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи А – №164214, ки онро соли 1991 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55-и ноҳияи Варзоб ба Валиева Зуҳро додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А – №164222, ки онро соли 1991 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55-и ноҳия Варзоб ба Махкамов Ҳотам додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №048026, ки онро соли 1998 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Ҷураева Инобар Муҳамадиевна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи АП №024659 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1999 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35 ба номи Юсуфбеков Рустамбеки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Гадоев Муҳаммадшариф Абдумеликович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БП №777295, ки онро соли 1980 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Косимова Хуршеда Аҳадовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №884820 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1977 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Убайдуллоев Ахмед Аминҷонович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т–ШТУ №0599645, ки онро соли 2013 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Шерматов Акбаралӣ Абдувалиевич додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А–АТУ –№0654484, ки онро соли 2019 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №29-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Бадалова Фарзона Шарифхоҷаевна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи АВ №254886, ки онро соли 2001 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Ҳайдарова Сабоҳат Иркеновна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №622885 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1991 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Салихов Абдулло Хайруллоевич додааст, эътибор надорад.

Номаи камоли гумшудаи №287426, ки онро соли 1973 мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №7-и шаҳри Ҳисор ба Аҳадов Давлатмурод додааст, эътибор надорад

Дипломи гумшудаи №1033 силсилаи Э-1 №051329, ки онро соли 1976 омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Ҳисор (ҳоло коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор) ба Абдуллоева Қурбон додааст, эътибор надорад.

Шиноснomаи гумшудаи техникии бинои мағоза, ки 28.01.2019 корхонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар ноҳияи Рӯдакӣ ба сокини деҳаи Чимтеппаи Ҷамоати Чимтеппаи ноҳияи Рӯдакӣ ба Сидиқов Раҳмоналӣ додааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*


ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: omuzgor@inbox.ru
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: М. ИМОМЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, М. САЛОМИЁН, Г. ҒАНИЗОДА, Д. ҚОДИРЗОДА, Н. СОБИРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ухда нагирад. *Навбатдори шумора А. МУРОДӢ*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 38515 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Саидова ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.